Соли нави таҳсил муборак!

Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,
Шавад тира аз бехирад рӯзгор.

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

ОМӮЗГОР

№35 (12569)
3 сентябр
соли 2026

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

КАЛОМИ ПЕШВО

НАВРАСОНУ ҶАВОНОН БОЯД БА ОМӮЗИШИ ИЛМУ ДОНИШ ТАВАҶҶУҲИ ҲАМЕШАГӢ ДОШТА БОШАНД



Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №105-и шаҳри Душанбе 31.08.2026

Ҳамватанони азиз!
Муҳтарам кормандони соҳаи маориф!
Хонандагону донишҷӯён ва омӯзгорони гиромӣ!

Имрӯзҳо мо дар остонаи таҷлили ҷашни бузурги миллӣ – 35-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистони азизамон қарор дорем.

Аз ин рӯ, ҳамаи шуморо ба ифтихори ин ҷашни бузурги таърихӣ, инчунин, оғози соли нави таҳсил ва Рӯзи дониш самимона табрик мегӯям.

Ҳамчунин, кӯдаконеро, ки имсол бо шодиву сурур бори аввал ба мактаб қадам мегузоранд, шодбош мегӯям ва ба онҳо саломативу хушбахтӣ орзу менамоям.

Хотирнишон месозам, ки маҳз ба шарофати соҳибистиқлолӣ ва сулҳу суботи комили кишварамон мо барои муҳайё кардани шароити беҳтарини таҳсил ва баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбияи кӯдакон ва наврасону ҷавонон корҳои азимро ба сомон расонида истодаем.

Ифтитоҳи бинои наву замонавии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 105, ки ҳоло мову шумо дар он қарор дорем, самараи истиқлоли давлатӣ ва фазои орому осоиштаи кишварамон мебошад.

Муассисаи мазкур аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе бо тарҳи муосиру замонавӣ бунёд гардида, бо беҳтарин шароиту имкониятҳои таълиму тарбия барои 2400 нафар хонанда пешбинӣ гардидааст.

Бояд ёдовар шуд, ки дар нуҳ соли охир дар ҳудуди шаҳри Душанбе 55 муассисаи нави таълимӣ бо зиёда аз 95 ҳазор ҷойи нишаст ва 42 кӯдакистони замонавӣ барои 8 ҳазор тарбиягиранда бунёд ва ба истифода дода шудааст.

Танҳо соли ҷорӣ ба ифтихори 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар пойтахти мамлакат 7 муассисаи нави таълимӣ бо 10 ҳазор ҷойи нишаст ва 8 муассисаи томактабии наву замонавӣ барои 1000 нафар тарбиягиранда ба фаъолият оғоз менамояд.

Дар маҷмуъ, тайи даврони соҳибистиқлолӣ дар кишвар 4135 бинои муассисаи таълимӣ бо 1 миллиону 800 ҳазор ҷойи нишаст ба маблағи 8,4 миллиард сомонӣ сохта, ба истифода дода шудааст.

Як падидаи хеле хушоянди замони соҳибистиқлолии кишвар дар он аст, ки дар кори пуршарафи бунёди таълимгоҳҳои нави мучаҳҳаз бо таҷҳизоти муосир мардуми шарифи Тоҷикистон, аз ҷумла, соҳибкорони бонангу номус бо Ҳукумати мамлакат ҳамкории самарабахшро ба роҳ мондаанд, ки мо барои ҳиммати ватандӯстонаашон аз онҳо сипосгузорем.

Ҳозирини арҷманд!

Тамоми дастовардҳои мо дар ободиву пешрафти Ватани азизамон, аз ҷумла, дар соҳаи маориф, ки созандаи ояндаи миллат ва давлат ба ҳисоб меравад, маҳз самараи истиқлоли давлатӣ, сулҳу суботи комили сиёсӣ ва ваҳдати пойдори миллӣ мебошанд.

Аз ин лиҳоз, барои мо – мардуми Тоҷикистон сулҳу ваҳдат омили муҳимтарини пояндагии давлату миллат маҳсуб меёбад.

Бинобар ин, расидан ба қадри сулҳу субот, таҳкими ваҳдати миллӣ ва тарбияи ҷавонон дар руҳияи ватандӯстиву инсонпарварӣ вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванди огоҳу солимфикри кишвар ба шумор меравад.

Дар моҳи июни соли ҷорӣ қабул гардидани Қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид дар бораи «Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда» низ, ки бо пешниҳоди Тоҷикистон сурат гирифт, нишонаи саъйу талоши пайгиронаи кишвари мо барои ҳифзи сулҳу оромӣ дар сайёра мебошад.

Бо қаноатмандиву ифтихор мехоҳам иброз намоям, ки заҳмати омӯзгорон ва аҳли маорифи кишвар дар роҳи тақвияти истиқлоли давлатӣ, тарғиби ғояҳои давлатдории миллӣ, роҳнамоӣ кардани мардум ба таҳкими сулҳу ваҳдат ва таълиму тарбияи шоистаи насли даврони истиқлол бисёр назаррас ва шоистаи таҳсину қадрдонӣ мебошад.

Аҳли маориф дар давраи бағоят печидаву пурихтилофи таърихи давлати тоҷикон бори дигар собит карданд, ки ақлу хирад, илму дониш, сабру таҳаммул ва кӯшиш барои сулҳу субот чиҳати раҳоӣ аз ҳама гуна буҳрон нақши асосӣ мебозад ва роҳро барои ояндаи босаодат равшану ҳамвор месозад.

Ман борҳо гуфтаам ва боз ҳам таъкид менамоям, ки истиқлолу озодӣ ва сулҳу оромӣ муқаддастарин неъмат ва бузургтарин дастоварди мардуми мо, мояи ифтихор ва нангу номуси ватандорӣ, рамзи ҳастии миллат ва шарти хушбахтиву сарбаландии кулли сокинони Тоҷикистон мебошад.

Истиқлоли давлатӣ ҳастии халқи тоҷикро дар паҳнои ҷаҳон ҳифз кард, адолати таърихиро барқарор сохт, тоҷиконро ба аҳли олам ҳамчун миллати фарҳангиву тамаддунсоз ва таҳаммулгарову сулҳҷӯй муаррифӣ намуд.

Ҳозирини гиромӣ!

Миллати мо ҳанӯз аз аҳди бостон илм, маърифат ва китобро чароғи зиндагӣ, асоси давлатдорӣ ва сарчашмаи пешрафти ҷомеа медонист.

Дар тӯли ҳазорсолаҳо фарзандони фарзонаи миллати тоҷик бо қудрати хирад ва илму дониш дар рушди тамаддуни башарӣ саҳми арзишманд гузоштаанд.

Соҳиби илму дониш будан, махсусан, дар замони мо, ки марҳалаи рушду такомули бесобиқаи техникаву технологияҳо ва густариши зеҳни сунъӣ маҳсуб меёбад, аҳаммияти зиёд пайдо кардааст.

Дар чунин шароит на танҳо захираҳои табиӣ, балки инсонҳои донишманд, ҷавонони соҳибмаърифат ва кадрҳои баландихтисос сарвати асосии давлатҳо ба ҳисоб мераванд.

Бинобар ин, хеле муҳим аст, ки насли наврасу ҷавони мо ба омӯзиши илму дониш таваҷҷуҳи ҳамешагӣ дошта бошад, мунтазам омӯзад ва дар ин замина, ба эҷодкориву навоварӣ машғул шавад.

(Давомаш дар саҳ. 2)

Почтаи электронии «Омӯзгор»: n.omuzgor@maorif.tj
Телефон барои тамос: 225-81-55

Ба ҳар як лафз дар фанни малоҳат
Китобат кун зи таснифи саноат.
Тошхоҷа Асирӣ

КАЛОМИ ПЕШВО

Наврасону ҷавонон бояд ба омӯзиши илму



(Аввалаш дар саҳ. 1)

Барои ин имрӯз дар кишвари мо тамоми шароиту имкониятҳо фароҳам оварда шудаанд.

Ҳукумати Тоҷикистон соҳаи илму маорифро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ муайян намудааст.

Зеро мо хуб дарк мекунем, ки сармоягузорӣ ба таълиму тарбияи кӯдакону наврасон – сармоягузорӣ ба ояндаи миллат ва давлат аст.

Аз ин лиҳоз, дар давраи соҳибистиқлолӣ ба соҳаи маориф аз ҳисоби буҷети давлатӣ беш аз 70 миллиард сомонӣ, аз ҳисоби лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ 10 миллиард сомонӣ маблағгузорӣ шудааст ва ин рақамҳо далели равшани таваҷҷуҳи махсус ва ҳамешагӣ ба соҳаи маориф мебошад.

Ҳозирини муҳтарам!

Маълум аст, ки нахустин давраи фарогирии кӯдакон ба таълиму тарбия бо муассисаҳои томактабӣ алоқаманд аст.

Яъне, таълиму тарбияи кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ зинаи муҳимтарин барои ояндаи онҳо ба шумор меравад.

Дар робита ба ин, чанд сол қабл ба сохтору мақомоти дахлдор супориш дода будам, ки барои дар ҳар маҳаллаи дорои беш аз сад нафар аҳолӣ бунёд намудани кӯдакистон чорачӯйӣ намоянд.

Ин масъалаи бисёр муҳим аст ва дар ин самт мо бояд корҳои боз ҳам бештарро анҷом диҳем.

Бо қарори Ҳукумати мамлакат Барномаи рушди муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти умумии хусусӣ барои солҳои 2022-2027 тасдиқ гардидааст, ки қадами устувор дар самти зиёд намудани имкониятҳои фарогирии кӯдакон маҳсуб меёбад.

Бинобар ин, ба роҳбарони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, Вазорати маориф ва илм, ҳамчунин, дигар мақомоти дахлдор бори дигар хотиррасон месозам, ки ба масъалаи бунёди муассисаҳои томактабӣ таваҷҷуҳи бештар диҳанд.

Имкониятҳои мавҷударо бояд ба иҷрои пурраи талаботи Стратегияи миллии рушди маориф барои давраи то соли 2030, барномаи зикршуда ва то 50 фоиз расонидани фарогирии кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ сафарбар намоянд.

Илова бар ин, барои таъмин намудани муассисаҳои томактабӣ бо кадрҳои баландихтисос ва ҷавобгӯй ба талаботи замон бояд тадбирҳои зарурӣ андешида шаванд.

Дар хотир бояд дошт, ки ҳар қадар низом ва сифати тарбия дар кӯдакистонҳо баланд бошад, идомаи таҳсили фарзандони мо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳамон андоза пурсамар хоҳад буд.

Ман зимни вохӯриҳо бо аҳли маориф ва дигар суханрониҳои худ батаккрор иброз доштаам, ки сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ такмили бештар мехоҳад.

Бояд гуфт, ки тайи солҳои охир дар зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ як қатор корҳои назаррас анҷом ёфтаанд.

Аз ҷумла, ҷорӣ гардидани меъёрҳои ягонаи муайянкунандаи сифати таҳсилот, бо кадрҳои омӯзгорӣ таъмин намудани муассисаҳои таълимии навбунёд, тақвият додани истифодаи технологияҳои рақамӣ ва марҳала ба марҳала баланд бардоштани сатҳи дониши хонандагон бомаром идома доранд.

Мо бояд ҳамқадами замон бошем, омӯзишу истифодаи технологияҳои муосирро дар сатҳи баланд ба роҳ монем ва ҳамеша дар хотир дошта бошем, ки танҳо дар заминаи маорифи фаъолу фарогир ва пешрав метавонем дар ҷаҳони муосир ҷойгоҳи шоиста пайдо намоем.

Барои мунтазам баланд бардоштани сифати таҳсилот таваҷҷуҳ ба масъалаҳои асосӣ, аз ҷумла, такмили маҳорати касбии омӯзгорон, ҷорӣ намудани усулҳои пешқадаму самарабахши тарбия, таҳия ва нашри дастурҳои таълимӣ, китобҳои дарсии насли нав ва бо технологияҳои муосир таҷҳизонидани синфхонаву озмоишгоҳҳо хеле муҳим аст.

Бо низоми муайян баргузор намудани курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорон низ аз ҷумлаи вазифаҳои зарурӣ мебошад.

Якуми сентябри соли 2024 зимни боздид аз иншооти соҳаи маорифи шаҳри Душанбе ва иштирок дар Рӯзи дониш таъкид карда будам, ки ҷиҳати дар давоми ду сол пурра таъмин кардани муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо китобҳои дарсӣ, адабиёти ёрирасони таълимӣ, илмӣ, дастурҳои методӣ, роҳнамои омӯзгор ва усули таълим аз ҳар як фанни таълимӣ бояд чорабиниҳои дахлдор андешида шаванд.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки вобаста ба ин супориш як қатор тадбирҳо амалӣ карда шудаанд. Аз ҷумла, аз оғози соли 2025 то ҳол ба раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо ва дигар муассисаҳои таълимӣ 9 миллиону 215 ҳазор нусха китоби дарсӣ ва маводди таълимӣ дастрас гардида, ҳоло ин раванд бомаром идома дорад.

Барои дар соли таҳсили 2026-2027 бо китобҳои дарсӣ ва дигар маводди таълимӣ таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ 40 номгӯй китоби дарсӣ аз озмун гузаштааст, ки нашри онҳо давра ба давра анҷом ёфта, дастраси хонандагони муассисаҳои таълимӣ шуда истодааст.

Яъне, имрӯз дар муассисаҳои таълимӣ дар самти норасоии китобҳои дарсӣ мушкилот ба назар намерасад.

Акнун зарур аст, ки мо бештар ба сифати китобҳои дарсӣ ва мутобиқ намудани он ба стандартҳои ҷаҳонӣ таваҷҷуҳ намоем.

Аз ин рӯ, Вазорати маориф ва илм вазифадор карда мешавад, ки ҷиҳати боз ҳам такмил додани сифат ва муҳтавои китобҳои насли нав пайваста чорачӯйӣ намояд.

Ҳоло мехоҳам як масъалаи дигари муҳимро таъкид намоям.

Ҷорӣ намудани ҳама гуна низом, муносибат ё таҷрибаи байналмилалӣ дар раванди таълим аввал бояд ба тариқи озмоиш дар муассисаҳои таълимӣ ҳаматарафа санҷида шуда, ба шароит ва ҳадафҳои стратегии рушди маорифи Тоҷикистон ва арзишҳои миллӣ мутобиқ гардонида, баъд аз он мавриди истифода қарор дода шавад.

Дар робита ба ин, мо бояд пеш аз ҳама, ба рушди корҳои илмиву таҳқиқотӣ дар самти илмҳои педагогиву равоншиносӣ ва ҷалби олимону омӯзгороне, ки дар ин ҷода таҷрибаи пешқадам доранд, таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намоем.

Ба ин мақсад зарур аст, ки фаъолияти илмиву таҳқиқотии Академияи таҳсилот, Пажуҳишгоҳи рушди маориф ва муассисаҳои таҳсилоти олие, ки равияи омӯзгорӣ доранд, дар самти таҳия ва пешниҳоди роҳу усул ва технологияҳои инноватсионии таълими фанҳо, дар навбати аввал фанҳои табиатшиносиву риёзӣ бо истифода аз таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ тақвият бахшида шавад.

Дар ин раванд, Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф бояд ҷиҳати аз курсҳои такмили ихтисос гузаронидани омӯзгорони фанҳои табиатшиносиву риёзӣ ва баргузории машғулиятҳои амаливу озмоишгоҳӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намояд.

То ба имрӯз мо дар самти рақамикунонӣ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ корҳои зиёдеро анҷом додаем.

Ҳоло зарурате ба миён омадааст, ки дар байни қишрҳои гуногуни аҳолӣ, алалхусус, ҷавонону наврасон фарҳанги истифодаи шабакаи интернет, телефонҳои мобилӣ, зеҳни сунъӣ ва бахусус, шабакаҳои иҷтимоӣ дуруст ва мунтазам фаҳмонида шавад.

Зеро зарар ё фоидаи технологияҳои нав аз он вобаста аст, ки мо онҳоро чӣ гуна истифода мебарем.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки солҳои охир истифодаи беназорати телефонҳои ҳушманд ва шабакаҳои иҷтимоӣ дар байни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нигаронкунанда гардидааст.

Коршиносону таҳлилгарони мустақили созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ низ дар гузоришҳои худ борҳо таъкид намудаанд, ки телефонҳои ҳушманд ва шабакаҳои иҷтимоӣ диққати хонандагонро парешон карда, ба таҳсили онҳо халал мерасонанд.

Аллакай як қатор давлатҳои мутараққӣ истифодаи телефонҳоро барои хонандагони синни то 16-сола дар шаклҳои гуногун манъ кардаанд.

Бояд гуфт, ки ҳама гуна иттилоот хусусияти синнусолӣ дорад.

Вале дар шабакаҳои иҷтимоӣ ин меъёр умуман риоя намегардад ва бо ҳамин сабаб қисми зиёди кӯдакону наврасон, аллакай таҳти таъсири манфии чунин иттилоот қарор гирифтаанд.

Истифодаи бемеъёру беназорати телефонҳои ҳушманд ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба солимии равонӣ, хоб, нутқ, ҳофиза, қобилияти азхудкунии саводу дониш, фаъолият ва рушди ҷисмонии онҳо зарари ҷиддӣ расонида шудааст.

Хонандагон ба ҷои он, ки китоб хонанд, малакаҳои худро ташаккул диҳанд ё ба варзиш машғул шаванд, соатҳои зиёдро дар фазои маҷозии шабакаҳои иҷтимоӣ сарф менамоянд.

Фаромӯш набояд кард, ки кӯдакону наврасон ояндаи миллатанд ва мо наметавонем, ки нисбат ба масъалаи солимии онҳо, яъне ояндаи миллат бетараф бошем.

Бо дарназардошти ин, ба Вазорати маориф ва илм, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ супориш дода мешавад, ки дар муддати се моҳ масъалаи мазкурро ҳаматарафа таҳлилу баррасӣ карда, вобаста ба роҳҳои ҳалли он ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод манзур намоянд.

Дар шароити рақамикунонии босуръат, рушди пайвастаи технологияҳои иртиботӣ ва афзоиши теъдоди шабакаҳои иҷтимоиву расонаҳои хабарии электронӣ ҷавонон бояд фарҳанги баланди иттилоотӣ дошта бошанд.

Онҳо бояд шабакаҳои иҷтимоиро огоҳона истифода баранд, бо иттилооти ғаразноку хабарҳои бардурӯғ, бахусус, бо ғояҳои ифротгароёна муқовимат карда тавонанд, интернетро барои илму донишандӯзӣ истифода кунанд, вақти худро ба мутолиаи китоб сарф намоянд ва дар таъмини амнияти иттилоотиву мафкуравии ҷомеа саҳмгузор бошанд.

Бо дарназардошти чунин воқеият, бояд роҳҳои мустаҳкам намудани масунияти иттилоотии наврасону ҷавонон дар муқобили таҳдиду хатарҳои муосир ва баланд бардоштани фарҳанги иттилоотии онҳо дарёфт карда шаванд.

Ҳозирини гиромӣ!

Мо барои дастгирии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва тарбияи кадрҳои баландихтисоси миллӣ як қатор имтиёзҳо муайян кардаем.

Яке аз онҳо, ки қариб сӣ сол инҷониб, яъне, аз соли 1997 амал мекунад, қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар тибқи квотаи президентӣ мебошад.

Мақсади асосии квотаи президентӣ дастгирӣ ва ҷалби духтарону писарони деҳоти дурдасти шаҳру ноҳияҳо ва бо мутахассисони баландихтисос таъмин намудани чунин минтақаҳо мебошад.

Дар ин муддат аз 61 шаҳру ноҳия ба 20 муассисаи таҳсилоти олии касбии кишвар 29 ҳазор нафар хатмкардаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо квотаи Президентӣ ба таҳсил фаро гирифта шуда, имрӯзҳо дар соҳаҳои гуногун муваффақона кору фаъолият карда истодаанд.

Қобили зикр аст, ки дар солҳои охир рушди таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ба яке аз самтҳои муҳимми сиёсати иҷтимоиву иқтисодии давлат табдил ёфтааст.

Зеро пешрафти саноат, энергетика, сохтмон, кишоварзии муосир, нақлиёт, сайёҳӣ, хизматрасонӣ, технологияҳои рақамӣ ва дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ бе кадрҳои соҳибкасбу соҳибҳунар ғайриимкон мебошад.

Бо дарназардошти ҳамин зарурат ва бо мақсади ташаккули низоми муосири касбомӯзӣ Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Тоҷикистон таъсис дода шуд.

(Давомаш дар саҳ. 3)

Давоми панҷ соли охир маоши омӯзгорон 135 фоиз зиёд гардид.

КАЛОМИ ПЕШВО

дониш таваҷҷуҳи ҳамешагӣ дошта бошанд

(Аввалаш дар саҳ. 2)

Таъсиси ин сохтор имкон фароҳам овард, ки таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ҳамчун низоми мустақили давлатӣ бо сиёсати ягона, стандартҳои муосир, механизмҳои ҳамоҳангсозӣ, робитаи мустақим бо бозори меҳнат ва ҳамкорӣ бо корхонаҳои истеҳсолӣ рушд намояд.

Дар ин муддат шумораи касбу ихтисосҳо дар зинаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ аз 230 ба 730 номгӯй расонида шуд.

Аз ҷумла, дар зинаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ имрӯз аз рӯйи 14 самт ва 330 касбу ихтисос ва дар зинаи таҳсилоти миёнаи касбӣ, аз рӯйи 10 самт ва 400 ихтисос кадрҳои коргарӣ ва мутахассисон омода карда мешаванд.

Чунин нишондиҳандаҳо гувоҳанд, ки низоми таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ тадриҷан ба талаботи бозори меҳнат мутобиқ гардида, барои соҳаҳои воқеии иқтисоди миллӣ кадрҳои зарурӣ омода менамояд.

Ҳоло дар кишвар 66 муассисаи таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ фаъолият дошта, дар онҳо беш аз 28 ҳазор нафар хонанда, аз ҷумла, қариб 8 ҳазор нафар духтарон таҳсил мекунанд.

Теъдоди донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба 106 ҳазору 500 нафар расида, нисбат ба соли таҳсили 2020-2021-ум 13 ҳазор нафар ва нисбат ба соли таҳсили гузашта 9 ҳазор нафар зиёд гардидааст.

Қабули «Барномаи рушди соҳаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2029» оғози марҳалаи нави ислоҳоти соҳа мебошад.

Тибқи нақшаи амалисозии барномаи мазкур, солҳои 2026-2029 таъмиру барқарорсозии биноҳои 61 муассисаи таълимӣ, аз ҷумла, 43 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва 18 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар баробари ин, бояд гуфт, ки дар соҳа ҳанӯз масъалаҳои ҳалталаб мавҷуданд.

Аз ҷумла, баланд бардоштани сифати таълими амалӣ, муҷаҳҳазсозии пурраи устохонаҳо ва озмоишгоҳҳо, таъмини муассисаҳо бо китобҳои дарсии тахассусӣ, ҷалби омӯзгорон ва устоҳои соҳибтаҷриба, тақвияти робита бо корхонаҳои истеҳсолӣ ва таъмин намудани хатмкунандагон бо ҷойи кор вазифаҳои асосии марҳалаи минбаъда мебошанд.

Дар робита ба ин, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ супориш дода мешавад, ки барои рафъи масъалаҳои ҳалталаб тадбирҳои иловагӣ андешад.

Ҳамзамон бо ин, ба падару модарон, омӯзгорон, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва корфармоён таъкид месозам, ки ҷалби ҷавонон ба касбу ҳунаромӯзӣ бояд ба кори ҳамарӯза ва вазифаи умумимиллӣ табдил дода шавад.

Ҳар як инсон бояд дарк намояд, ки касбу ҳунар доштан соҳиби сарвати бебаҳо будан аст.

Шахси соҳибкасб дар зиндагӣ роҳи худро пайдо мекунад, мустақил мешавад, ба оилааш кумак мерасонад, ба ҷомеа нафъ меоварад ва дар пешрафти давлат саҳм мегузорад.

Бинобар ин, ҷавонони азизро даъват менамоям, ки вақтро ғанимат донанд, илму дониш ва касбу ҳунарҳои муосирро аз худ намоянд, забонҳои хориҷӣ, истифодаи технологияҳои замонавӣ ва зеҳни сунъиро дар сатҳи баланд омӯзанд ва худро барои зиндагии шоиста ва ояндаи ободи Тоҷикистон омода созанд.

Миллате, ки ҷавононаш дониш меомӯзанд, касбу ҳунар аз худ мекунанд, ба арзишҳои миллӣ эҳтиром мегузоранд ва ҳастии худро бо сарнавишти Ватан пайванд медиҳанд, дар роҳи пешрафт, созандагӣ ва устувории давлати худ қадамҳои боэътимод мегузорад.

Давлат вақте тавоно мегардад, ки ҷавононаш соҳиби илму дониш, касбу ҳунар, маҳорату малака, одобу ахлоқ ва ҳисси баланди ватандорӣ бошанд.

Ҳозирини арҷманд!

Дар пешрафти соҳаи маориф ва густаришу тақвияти сатҳу сифати таълиму тарбия муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат нақши шоиста доранд.

Дар зарфи солҳои соҳибистиқлолӣ шумораи донишкадаву донишгоҳҳои кишвар бамаротиб афзуда, ҳоло ба 51 расидааст ва чанде аз муассисаҳои таҳсилоти олии мо соҳиби мақоми байналмилалӣ гардидаанд.

Заминаҳои моддиву техникӣ ва шароиту имкониятҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ мунтазам беҳтар шуда истодаанд.

Дар баробари ин, дар донишкадаву донишгоҳҳои мамлакат дар самтҳои сифати таҳсилот, таъминот бо устодону омӯзгорони соҳибтаҷрибаву дорои унвони илмӣ, таҳияи китобҳои дарсӣ, фаъолияти паркҳои технологӣ, такмили ихтисоси устодон ва ташкили озмоишгоҳҳои муосир то ҳол баъзе мушкилиҳо ҷой доранд, ки бояд бартараф карда шаванд.

Дар ин раванд, мехоҳам таваҷҷуҳи шуморо ба як масъалаи муҳим ҷалб намоям.

Тибқи маълумот дар аксари факултетҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ донишҷӯён ду соли аввал бештар ба омӯзиши фанҳои ғайриихтисосӣ банд гардида, ба онҳо аксари фанҳои тахассусӣ асосан аз соли сеюм таълим дода мешаванд, ки ин боиси коҳиш ёфтани шавқи донишҷӯ нисбат ба касбу ихтисоси интихобкардааш мегардад.

Аз ин рӯ, Вазорати маориф ва илм, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вазифадор карда мешаванд, ки ин масъаларо дар муддати се моҳи оянда ҳаматарафа баррасӣ карда, пешниҳодҳои худро ба Ҳукумати мамлакат манзур намоянд.

Вобаста ба ин, бори дигар таъкид менамоям, ки ба мо, пеш аз ҳама, мутахассис зарур аст, на ҷавоне, ки танҳо соҳиби диплом аст.

Масъалаи дигаре, ки дар шароити имрӯза хеле муҳим



гардидааст, интихоби касби ояндаи ҷавонон мебошад.

Инсон бояд дар интихоби касб хато накунад, вагарна то охири умр сарсону саргардон мешавад ва орзуҳои худро амалӣ карда наметавонад.

Таҳлилу мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар ҷомеаи мо зимни интихоби касб тамоюли зоҳирпарастӣ, тақлид ба дигарон ва интихоби бемаврид бемантиқ ҷой дорад.

Аксари ҷавонон мехоҳанд, ки ё табиб шаванд ё ҳуқуқшинос.

Яъне, дар аксар мавридҳо интихоби касб на дар асоси қобилият ва истеъдод, балки аз рӯйи ҳавову ҳавас сурат мегирад.

Дар кишварҳои пешрафтаи олам ҳанӯз аз зинаи томактабӣ ва баъдан дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ба масъалаи муайян кардани қобилият, истеъдод ва лаёқати наврасон диққати махсус медиҳанд, то дар зинаҳои навбатии таҳсилот ба рушди онҳо сармоягузорӣ намоянд ва пешрафти наврасону ҷавононро ба самти дуруст равона созанд.

Мо хуб медонем, ки ҳамаи падару модарон орзу доранд, ки фарзандонашон роҳи дурустро интихоб намоянд ва дар оянда хушбахт шаванд.

Аммо онҳо баъзан намедонанд, ки ин амалро чӣ гуна анҷом диҳанд.

Бахусус, агар воқеияти замон ба инобат гирифта нашавад.

Масалан, имрӯзҳо мутахассисони соҳаи амнияти компютерӣ, технологияҳои иттилоотӣ, зеҳни сунъӣ, барномасозӣ ва монанди инҳо дар бозори меҳнат талабгори зиёд доранд.

Бинобар ин, ба Вазорати маориф ва илм, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, Академияи миллии илмҳо ва Академияи таҳсилот супориш дода мешавад, ки дар муддати 3 моҳ вобаста ба ташаккули фарҳанги интихоби касб ва механизмҳои муайян намудани қобилият ва лаёқати касбии кӯдакону наврасон ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод манзур намоянд.

Дар баробари ин, мо бояд ба тарбияи наврасону ҷавонон низ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намоем.

Зеро рафтору гуфтори шоиста ифодагари сатҳи тарбия ва симои маънавии шахс мебошад.

Ҳар як инсон дар ҷомеа, пеш аз ҳама, ба шарофати хислатҳои хуб ва ахлоқу одоби ҳамидааш соҳиби эҳтирому обрӯ мешавад.

Аз ин рӯ, тарбияи ахлоқӣ бояд аз оила оғоз шуда, дар муассисаҳои таълимӣ пайваста идома ёбад.

Ба ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноят бештар онҳое даст мезананд, ки аз тарбияи падару модар дур мондаанд, дар таҳсил фориғболӣ кардаанд, соҳиби касбу ҳунар нестанд ва дар зиндагӣ ҳадафи муайяне надоранд.

Падару модарон вазифадоранд, ки дар оила барои тарбия ва камолоти фарзанд муҳити солим фароҳам оваранд.

Омӯзгорон вазифадоранд, ки дар қалби хонанда эҳтиром ба Ватан, қонун, падару модар, арзишҳои миллӣ ва ахлоқи ҳамидаи инсониро парвариш диҳанд.

Таъкид менамоям, ки дар кори ниҳоят муҳимму ояндасози таълиму тарбия, албатта, боз ҳам омӯзгорон масъулияти бештар доранд, зеро онҳо неруи тавонои тарбия ба шумор мераванд.

Ҳамчунин, баланд бардоштани сифати таълим ва ба камол расонидани кадрҳои ҷавобгӯй ба талаботи замони пешрафт, дар навбати аввал, аз устодону омӯзгорон, яъне, аҳли маориф вобаста мебошад.

Онҳо бояд ҳамеша дар ёд дошта бошанд, ки табобати беморон, яъне саломатии мардум, бунёди ҳама гуна иншоот, яъне, ободии Ватан, таъмин кардани рушди иҷтимоиву иқтисодии давлат, яъне зиндагии шоистаи ҳар як оилаи кишвар ва дар маҷмуъ, тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат аз фаъолияти мутахассисоне вобаста мебошад, ки онҳоро соҳаи маориф ба камол мерасонад.

Ҳозирини арҷманд!

Мо дар марҳалаи ниҳоят мураккабу буҳронӣ ва пурихтилофу хатарбори ҷаҳони муосир зиндагӣ дорем.

Солҳои охир баъзе меъёрҳо ва принсипҳои муносибатҳои байналмилалӣ, ки даҳсолаҳо ҳамчун пояи субот ва ҳамзистии осоишта эътироф мешуданд, тадриҷан беаҳаммият гардида истодаанд.

Бар асари ҷангу даргириҳо ҳазорҳо инсон қурбон гардида, миллионҳо нафар аз манзили худ маҳрум мешаванд ва хатари бесуботии фарогир ба амнияти байналмилалӣ таҳдид мекунад.

Дар чунин вазъият барои ҳамаи мо, пеш аз ҳама, таҳаммулгаро будан, бо андешаву тамкин амал кардан ва дар ҳифзи манфиатҳои миллӣ талош намудан бағоят зарур аст.

Мо ҳамеша ва дар ҳама ҳолат бояд барои ҳифзи сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, дастовардҳои истиқлоли давлатӣ ва оромиву осоиш дар Ватани маҳбубамон ҷидду ҷаҳд намоем, пайваста кӯшиш кунем, ки раванди созандагиву бунёдкориҳоро дар кишварамон боз ҳам вусъат бахшем.

Бузургтарин ҳадафи мо таъмин намудани ободиву пешрафти имрӯзу фардои Ватан, давлат ва зиндагии шоистаи мардум аст.

Дар татбиқу пайгирии ин ҳадафи наҷиб бояд тамоми сокинони мамлакат сарҷамъона амал намоянд.

Ҳар яки мо бояд арҷгузору муҳофизи истиқлолу озодӣ, сулҳу ваҳдат, забону таъриху фарҳанг ва дигар арзишҳои моддиву маънавии миллати бостонии тоҷик бошем.

Ман аз он қаноатмандам ва ифтихор дорам, ки аҳли маорифи мамлакат, устодону омӯзгорон ва хонандагону донишҷӯёни мо ҳамеша дар сафи пеши ҳимояи манфиатҳои миллӣ қарор доранд ва ин мавқеи онҳо устувору пойдор аст.

Бовар дорам, ки ҷавонони донишманду соҳибмаърифат, соҳибкасбу соҳибҳунар ва ватандӯсту созандаи мо фардо ба неруи пешбарандаи иқтисоди миллӣ, пояи устувори ҷомеаи пешрафта ва кафолати идомаи роҳи созандагии Тоҷикистони соҳибистиқлол табдил хоҳанд ёфт.

Бо ибрози эътимод ба ояндаи боз ҳам ободу пешрафтаи Тоҷикистони маҳбубамон аҳли маориф, устодону омӯзгорон, донишҷӯёну хонандагон ва ҳамаи шумо – ҳозирини муҳтарамро бори дигар ба ифтихори ҷашни муқаддасу бузурги 35-солагии истиқлоли давлатӣ, оғози соли нави таҳсил ва Рӯзи дониш самимона табрик мегӯям.

Ба ҳамаи шумо – ҳозирини гиромӣ ва кулли мардуми Тоҷикистон саломативу хушбахтӣ, хонаи обод ва комёбиҳои рӯзафзун орзу менамоям.

Пояндаву бегазанд бод, истиқлоли Тоҷикистони азизи мо!

Дар тӯли 35 сол дар Тоҷикистон шумораи омӯзгорон беш аз 41 ҳазор нафар зиёд гардид.

Қалам ба соате он корҳо тавонад кард,
Ки оҳиз ояд аз он корҳо қазову қадар.
Абулҳасани Фаррухӣ

Ифтитоҳи иншооти ҷашнӣ дар Хатлон



26 август Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари корӣ ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дар ноҳияи Ёвон 14 иншооти таъйиноти гуногун ва 5 иншооти соҳаҳои саноату маорифро дар ноҳияи Хуросон ба таври фосилавӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Нахуст Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба фаъолияти Корхонаи истеҳсоли хиштҳои гаҷии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Файзи гач, ки иқтидори солонаи он 1,5 млн. дона хиштро ташкил медиҳад, расман оғоз бахшиданд.

Зимни шиносоӣ бо раванди истеҳсолот ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки дар корхона 18 сокини маҳаллӣ бо кори доимӣ таъмин гардиданд.

Ҳамзамон, дар минтақаи саноатии деҳоти Даҳанаи ноҳия корхонаи истеҳсоли нуриҳои минералии Агромикси Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Талко Кемикал», ки дар як сол 12,5 ҳазор тонна агромикс истеҳсол мекунад, мавриди истифода қарор дода шуд.

Корхонаи истеҳсолии Агромикс бо истифода аз дастгоҳу таҷҳизоти муосир ва ҷалби мутахассисони маҳаллӣ бунёд гардида, се номгӯи маҳсулот, аз ҷумла, сулфати аммоний, доломит ва фосмука истеҳсол мекунад.

Дар баробари ба фаъолият оғоз бахшидани корхона дар марҳалаи аввал 24 кас бо кори доимӣ ва маоши хуб таъмин шуданд.

Иншооти дигари фосилавӣ ифтитоҳшуда масири Ёвон – Рӯдакӣ – Душанбе мебошад, ки 31 километрро ташкил дода, аз ҷониби соҳибкори ҳиммatбаланд ва меҳандӯст Баҳриддин Ҷӯрахонов таъмиру навсозӣ гардидааст.

Зимни шиносоӣ аз ин қитъаи роҳ иттилоъ дода шуд, ки масири мазкур аҳаммияти ҷумҳуриявӣ дошта, мутобиқ ба талаботи муосир бо паҳноии 8 метр мумфарш карда шудааст.

Дар ҳамин ҷо роҳи Ёвон – Ваҳдат – Норак, ки дар масофаи 18 километр бо иқдоми соҳибкори ватандӯст Акбар Асадулло пурра навсозӣ шудааст, ба истифода дода шуд.

Инчунин, 3 километр роҳи дорои аҳаммияти маҳаллӣ, ки дар ҳудуди деҳаи Наврӯзгоҳи деҳоти Норини ноҳияи Ёвон мумфарш шудааст, дар ҳамин рӯз мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

Бунёд ёфтани ин қитъаи роҳҳо дар рушди инфрасохтори нақлиётии ноҳия, ҳаракати мунтазам дар тамоми фасли сол, беҳтар гардидани иртибот бо шаҳру ноҳияҳои дигар, интиқоли зуд ва бехатарии мусофирон, молу маҳсулоти саноатӣ ва коҳиш додани хароҷоти нақлиётӣ мусоидат мекунад.

Дар доираи истиқболи сазовор аз ҷашни таърихии 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар ҳудуди ноҳияи Ёвон 70 километр роҳҳо мумфарш карда шуда, дар оянда боз бунёди 30 километр роҳи дигар дар назар дошта шудааст.

Иншооти навбатӣ бинои нави муассисаи таълимии рақами 84 ба ҳисоб меравад, ки дар ҳамин рӯз ба таври фосилавӣ ифтитоҳ гардид.

Ин бино аз ду ошёна ва 16 синфхонаи таълимӣ иборат буда, имсол дар он 800 хонанда дар ду баст соли нави таҳсилро оғоз менамоянд. Ҳоло дар ин муассиса 4 ҳуҷраи корӣ ва 18 ҷойи корӣ таъсис дода шудааст. Бо бунёди ин бино дигар толибилмон масофаи 3-5 километрро тай накарда, аз ин пас тадрисро дар мактаби деҳаи худ идома медиҳанд.

Бинои дуошёнаи иловагии муассисаи таълимии рақами 3, воқеъ дар деҳаи Ҳинддараи деҳоти Обшорон аз иншооти дигари соҳаи маориф мебошад, ки ба таври фосилавӣ ба истифода дода шуд.

Иншооти навбунёд аз 16 синфхона ва 9 ҳуҷраи корӣ иборат буда, барои 800 хонанда дар ду баст пешбинӣ шудааст.

Бинои мазкур бо саҳми соҳибкорони маҳаллӣ сохта шудааст. Бинои асосии муассиса аз соли 1972 сохта шуда, бо гузашти солҳо ба таъмири асосӣ ниёзманд шуда буд. Дар ин ҷо бо оғози соли нави хониш 32 омӯзгор ба зиёда аз 800 хонанда дарс хоҳанд дод.

Ҳамзамон, иншооти навбатии мавриди истифода қароргирифта бинои дуошёнаи иловагӣ дар назди муассисаи таълимии рақами 69 ба номи Асадулло Ғулом, воқеъ дар деҳаи Тағойободи деҳоти Обшорон мебошад.

Бино аз 17 синфхонаи таълимӣ ва 8 ҳуҷраи корӣ иборат буда, барои 800 хонанда дар ду баст пешбинӣ шудааст.

Иншооти нав бо саҳми соҳибкор Акбар Асадулло ва сокинони маҳаллӣ бунёд гардидааст. Бо бунёди ин бино 34 омӯзгор соҳиби кори доимӣ гардиданд.

Бинои дуошёнаи иловагӣ дар назди муассисаи таълимии рақами 27 дар деҳаи Калфи Сабади деҳоти Ситораи сурхи ноҳия дар ҳамин рӯз дари худро барои хонандагон боз намуд.

Дар ин муассисаи таълимӣ 400 ҷойи нишаст барои хонандагон дар ду баст таъсис дода шуда, дорои 8 синфхона ва 3 ҳуҷраи корӣ мебошад. Дар ин ҷо низ 44 омӯзгор ба таълиму тарбияи насли наврас машғул мегарданд.

Ҳамин тавр, дар доираи сафари корияи навбатии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ноҳияи Ёвон ва идомаи тадбирҳои ободонӣ ба ифтихори истиқболи сазовор аз 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар назди 4 муассисаи таълимӣ 66 синфхона барои ба таълим фаро гирифтани 3300 хонанда дар ду баст ба истифода дода шуд. Инчунин, корҳои сохтмонӣ дар 23 муассисаи таълимии дигар, ки аз 283 синфхона иборат мебошанд ва барои 14 ҳазору 150 хонанда дар ду баст пешбинӣ шудааст, бо маром ҷараён дорад.

Ҳоло дар ноҳияи Ёвон зиёд аз 64 корхонаи хурду бузурги саноатӣ фаъолият дошта, дар онҳо 2800 ҷойи кори доимӣ таъсис дода шудааст. Саҳми корхонаҳои мазкур дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ дар соли 2025 43,1 фоизро ташкил медиҳад ва дар онҳо 75 номгӯи маҳсулоти ивазкунандаи воридот истеҳсол мешавад.

Дар нимсолаи аввали соли 2026 корхонаҳои саноатии ноҳия ба маблағи 934 млн. 369 ҳазор сомонӣ маҳсулот истеҳсол намудаанд.

Ҳамзамон, дар ҳамин ҷо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сардхонаро, ки бо ғунҷоиши 1600 тонна маҳсулот барои ба муҳлати дароз нигоҳдории дастранҷи кишоварзони ноҳияи Хуросон бунёд шудааст, ба истифода доданд.

Ин сардхона дар ҳудуди заминҳои хоҷагии деҳқонии ба номи Асадулло сохта шуда, он аз ду қисмат ва 16 ҳуҷраи нигоҳдории маҳсулот иборат мебошад ва ҳар яки онҳо то 100 тонна иқтидори ғунҷоиш доранд.

Тавре ки ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, хоҷагии деҳқонии мазкур дар ихтиёри худ 16 ҳазор гектар замин дошта, майдони 1027 гектари онро дарахтони меваҳои хушсифат ва боғи ангур ташкил медиҳад.

Корхонаи истеҳсоли қуттиҳо ва бандубасти меваи хушки ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Маркази агрологистикии «Меваи тоҷик» низ дар ҳамин рӯз ба фаъолият оғоз намуд.

Ин корхона дар як шабонарӯз зиёда аз 2800 ва дар як сол 1 млн 8 ҳазор қуттӣ барои бандубасти меваи хушк истеҳсол мекунад.

Дар ин корхона 20 мутахассиси маҳаллӣ бо кори доимӣ таъмин гардиданд.

Бинои навбатии ифтитоҳгардида муассисаи таълимии рақами 20 дар деҳаи Бандари деҳоти Сурхқалъа мебошад, ки барои бо таълим фаро гирифтани 624 хонанда дар ду баст пешбинӣ шудааст.

Ин муассисаи таълимӣ аз ду ошёна ва 13 синфхонаи барҳаво иборат мебошад. Дар ҷараёни сохтмони бинои нав 20 мутахассиси маҳаллӣ ба кор ҷалб гардида буд.

Бинои иловагии муассисаи таълимии рақами 35 низ, ки дар деҳаи Аёнчашмаи деҳоти Фахробод сохта шудааст, мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

Ин бино аз ду ошёна ва 16 синфхонаи таълимӣ иборат буда, дорои 384 ҷойи нишаст мебошад ва барои 768 хонанда дар ду баст пешбинӣ шудааст.

Иншооти мазкур аз тарафи соҳибкорони саховатпеша ва сокинони ватандӯст қомат афрохт. Баъди ифтитоҳи бинои иловагии таълимӣ норасоии синфхонаҳо ва ҷойи нишаст пурра бартараф гардид.

Муассисаи таълимии рақами 36 дар деҳаи Баҳористони деҳоти Фахробод сеюмин иншооти соҳаи маориф буд, ки ба таври фосилавӣ мавриди истифода қарор дода шуд.

Бинои нави иловагии муассиса дорои 11 синфхонаи барҳаво буда, барои 528 хонанда дар ду баст пешбинӣ шудааст.

Ин муассисаи таълимӣ аз тарафи сокинон ва соҳибкорони маҳаллӣ бунёд гардидааст.

Дар идомаи чорабиниҳои созандагӣ бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар ноҳияи Хуросон 269 иншооти таъйиноти гуногун ба нақша гирифта шуда, то ҳол 248-тои он мавриди истифода қарор дода шудаанд.

Аз шумораи умумии иншооти ҷашнӣ 23 муассисаи таълимӣ ва томактабӣ, 25 корхонаи саноатӣ ба истифода дода шуда, дар натиҷа зиёда аз 650 ҷойи корӣ фароҳам гардид.

Пас аз шиносоӣ бо фаъолияти як зумра иншооти таъйиноти гуногун Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба раванди босуръати корҳои ободонӣ ва созандагӣ баҳои баланд дода, барои боз ҳам фароҳам овардани ҷойҳои корӣ, беҳтар намудани сифати таълиму тарбияи насли наврас ва муҳайёсозии шароити арзанда барои сокинон дастуру тавсияҳо доданд.

***

26 август Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таври фосилавӣ бинои маъмурии нозироти андози шаҳри Левакантро ифтитоҳ намуданд.

Бинои нав дорои 9 ҳуҷраи корӣ ва як толори маҷлисӣ бо 45 ҷойи нишаст мебошад.

Дар бино шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ, бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, бахши баҳисобгирӣ ва хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, гурӯҳи ташкил ва назорати ичрои уҳдадориҳои андозии соҳибкорони инфиродӣ ҷой дода шудааст.

Дар бинои нозироти андози шаҳр барои фаъолияти 15 нафар корманд шароити муосири корӣ фароҳам оварда шуд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо шароити корӣ дар бинои тозабунёд таваҷҷуҳи масъулони соҳаро ба боз ҳам баланд бардоштани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ҷалб намуда, таъкид доштанд, ки бо мардум ҳамкории зич ва муомилаи хуб дошта бошанд.

Бинои иловагии таълимӣ дар назди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №10 дар деҳаи Зағертути деҳоти Ваҳдати шаҳри Левакант бо ҳадафи фароҳамсозии шароити муносиби таълим ва зиёд намудани имкониятҳои қабули хонандагон бунёд гардидааст.

Бино барои дар ду баст ба таҳсил фаро гирифтани 400 хонанда пешбинӣ шудааст.

Сохтмони бино бо саҳми сокинони саховатпешаи маҳаллӣ ва дастгирии Мақомоти ичроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Левакант амалӣ гардидааст.

Бинои нави таълимӣ аз ду ошёна иборат буда, дар он 8 синфхонаи барҳаво ташкил шудааст. Синфхонаҳо бо дарназардошти талаботи имрӯза барои омӯзиши фанҳои гуногун, аз ҷумла, биология, математика ва технологияи иттилоотӣ пешбинӣ гардидаанд.

Ҳоло дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №10 30 омӯзгор ба таълиму тарбияи хонандагон машғуланд.

Пешвои миллат муҳтарам

(Давомаш дар саҳ. 5)

Дар Миср ду китоб оид ба Тоҷикистон ба забони арабӣ ба нашр расид.

(Аввалаш дар саҳ. 4)

Эмомалӣ Раҳмон рушди соҳаи маорифро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат арзёбӣ намуданд.

Дар ҳамин ҷо ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон лоиҳаи сохтмони осоишгоҳ дар деҳаи Зағиртути Ҷамоати деҳоти Ваҳдати шаҳри Левакант муаррифӣ гардид.

Иттилоъ дода шуд, ки бинои осоишгоҳ барои 150 нафар дар як вақт пешбинӣ шудааст. Дар осоишгоҳ барои истироҳату табобат шароити мусоид фароҳам оварда хоҳад шуд.

Дар атрофи осоишгоҳ майдони теннису баскетбол, ҳавзи шиноварӣ бо атраксионҳо, майдони бозии кӯдакон, фароғати калонсолон ва дигар инфрасохтори зарурӣ сохта мешавад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъулин ҷиҳати анҷоми босифати корҳои сохтмонӣ, ҷалби мутахассисону коргарони маҳаллӣ ба бунёди иншоот супоришҳои мушаххас доданд. Таъкид гардид, ки бунёди чунин иншоот дар ҳифзи солимии аҳолӣ, хоса кӯдакон, нақши назаррас хоҳад гузошт.

***

26 август Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари корӣ ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон бо мақсади шиносоӣ бо вазъи зиндагии мардум ва ифтитоҳи як қатор иншооти ҷашнӣ ба ноҳияи Данғара ташриф оварданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахуст бо бардоштани парда аз рӯйи лавҳаи рамзӣ муассисаи таҳсилоти томактабии хусусии Сокинаро дар деҳаи Хуррамзамини деҳоти Исмат Шарифи ноҳия мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Бинои нави кӯдакистон дар пайравӣ аз сиёсати маорифпарваронаи Ҳукумати кишвар ба истиқболи ҷашни бузурги миллӣ – 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби соҳибкори ватанӣ Саид Сиддиқзода бо сифати баланд ва тарҳи меъмории муосир бунёд гардидааст.

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки муассисаи тозабунёд барои 260 кӯдак пешбинӣ шудааст.

Дар кӯдакистон 10 гурӯҳ амал намуда, ба онҳо 10 парастори ботаҷриба бо бозиҳои ҷолибу шавқовар машғулият мегузаронанд. Омӯзиш дар он бо 3 забон – тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ, сурат мегирад. Шумораи умумии кормандон дар муассисаи томактабӣ 30 нафарро ташкил медиҳад.

Ҳуҷраҳои барҳавои машғулиятҳо ва истироҳати тарбиятгирандагон бо рахтҳои хоб, ҷевон, мизу курсӣ, ошхона бо 100 ҷойи нишаст ва бозичаҳои гуногун муҷаҳҳаз буда, бо завқу саликаи баланди эстетикӣ ва мувофиқ ба дунёи рангини кӯдакон оро ёфтааст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба кӯдакони хушхолеъ туҳфаҳои хотиравӣ тақдим карда, бо онҳо суҳбати самимӣ доир намуданд.

Саҳни биноро гулҳои рангоранг, айвонҳо барои гузаронидани машғулиятҳо дар ҳавои тоза, инчунин, дигар таҷҳизоти зарурӣ зебу зиннат додааст.

Роҳрав ва дигар деворҳои муассиса рангину зебо ва бо қаҳрамонҳои дӯстдоштаи кӯдакон аз филмҳои машҳури тасвирӣ оро ёфтааст.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аснои шиносоӣ бо шароити фароҳамгардида дар кӯдакистони замонавӣ барои дар деҳот муҳайё намудани чунин имконот ба соҳибкори ҳиммatbаланд изҳори сипос намуда, аз ҷумла, иброз доштанд, ки таҳсилоти томактабӣ барои ташаккули қобилияти зеҳнии наврасон марҳалаи хеле муҳим ба ҳисоб меравад. Аз масъулон даъват намуданд, ки таълиму тарбияро дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда, кӯдаконро дар рӯҳияи ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ ва арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ тарбия намоянд.

Дар ҳамин ҷо Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба фаъолияти китобхонаи хуштарҳу муосир, ки дар паҳлуи муассиса сохта шудааст, оғоз бахшиданд.

Иншоот ба истиқболи 35-солагии Истиқлоли давлатӣ бо ҳадафи тақвияти дониш ва омодагии довталабон ба сабқатҳои зеҳнӣ аз ҷониби соҳибкор Абдусалом Умарзода бунёд ёфтааст.

Китобхона дорои толори хониш, ҳуҷраи нигоҳдории китоб, толор барои баргузории маҳфилҳои илмию адабӣ, китобхонаи электронӣ бо дастрасии беш аз 10 ҳазор адабиёт буда, бо техникаю лавозимоти зарурӣ муҷаҳҳаз шудаанд.



Дар қисми алоҳидаи китобхона гӯшаи озмунҳои ҷумҳуриявӣ, аз ҷумла, озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доной китоб аст» ташкил шудааст, ки дар он ҳамаи адабиёти зарурӣ барои дӯстдорони китоб маҳфуз аст.

Фароҳам будани ин шароит имкон медиҳад, ки хоҳишмандон ба асарҳои бузургтарин шахсиятҳои ҷаҳон дастрасӣ дошта бошанд. Дар китобхона 8 сокини маҳаллӣ бо кори доимӣ таъмин шудаанд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳиммати соҳибкор, барои ташкили чунин пойгоҳи илму дониш баҳои хуб дода, иқдоми мазкурро намунаи ибрат арзёбӣ намуданд.

***

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар идомаи сафари корияи худ ба ноҳияи Данғара дар маркази шаҳрак муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 95-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд, ки барои 1620 хонанда дар ду баст пешбинӣ гардидааст.

Мактаби замонавии бошукӯҳ сеошёна буда, аз ҷониби ходими маъруфи давлатӣ Шералӣ Гулов ва оилаи онҳо бо мақсади фароҳам овардани шароити арзандаи таълиму тарбияи насли наврас бунёд ёфтааст.

Тавре ки ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, корҳои сохтмонӣ дар иншооти мазкур соли 2025 оғоз гардида, дар муддати камтар аз ду сол ва қабл аз муҳлати муқарраршуда бо сатҳу сифати баланд ба анҷом расонида шуд.

Муассисаи замонавии таълимӣ аз 27 синфхонаи барҳаво, аз ҷумла, барои фанҳои химия, физика, математика, омӯзиши компютер, технологияи таълими меҳнат барои писарон ва духтарон, ҳамчунин, аз китобхонаву толори барҳавои хониш, китобхонаи электронӣ, ҳуҷраҳои корӣ барои омӯзгорону кормандони муассиса ва дигар иншооти ёрирасон иборат мебошад.

Дар озмоишгоҳҳои мактаб асбобу аёниятҳои дарсӣ мавҷуд аст, ки хонандагон барои дар амал гузаронидани таҷрибаҳои гуногун аз онҳо босамар истифода мебаранд.

Дар синфхонаи барҳавои компютерӣ, ки бо дастгоҳҳои муосир муҷаҳҳаз аст, хонандагон имкон доранд, аз нозукиҳои кор бо технологияи иттилоотӣ бохабар гарданд.

Баҳри иҷрои супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва соҳибкасб гардонидани хонандагон асбобҳои дуредгарӣ, кандакорӣ, мошинаҳои дӯзандагӣ ва дигар шароити муосир фароҳам оварда шудааст. Духтарон баробари омӯхтани дӯзандагӣ, ҳамзамон бо роҳнамоии омӯзгорон метавонанд аз нозукиҳои касбу ҳунарҳои дигар низ бохабар шаванд.

Дар назди муассисаи навбунёд бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои таълиму тарбияи насли наврас ва баланд бардоштани сатҳи фарогирии кӯдакон ба зинаи ибтидоии таълимӣ маркази инкишофи барвақтии кӯдак низ фаъолият мекунад, ки ҳоло дар он 24 кӯдак ба таълиму тарбияи томактабӣ фаро гирифта шудаанд.

Дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №95-и шаҳраки Данғараи ноҳияи Данғара Осорхонаи Пешвои миллат низ таъсис дода шудааст. Осорхона бо тарҳи муосир оро ёфта, дар он экспонатҳо аз зиндагию корномаҳои Пешвои миллат, овони мактабӣ то замони давлатдориашон ҳикоят мекунанд.

Ҳадаф аз таъсиси осорхона, пеш аз ҳама, тарбияи насли наврас дар руҳияи ватандӯстӣ ва дар сатҳи хуб муаррифӣ намудани воқеияти зиндагию корнома ва ҷонбозию фидокориҳои Сарвари маҳбуби давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба насли наврас мебошад.

Барои тарғибу ташвиқи бештари варзиш ва ба ин восита ташаккул додани тарзи ҳаёти солим дар муассисаи таълимии навбунёд толори барҳавои варзишӣ барои бозиҳои баскетболу волейбол ва як майдончаи варзишии дигар дар саҳни бино барои бозии футбол сохта шудааст.

Дар таълимгоҳ толори барҳавои маҷлисӣ бо 250 ҷойи нишаст мавҷуд аст, ки бо мизу курсии босифат ва дастгоҳу таҷҳизоти зарурӣ муҷаҳҳаз мебошад.

Дар ошёнаи якуми бинои муассиса ошхона мавҷуд аст, ки дорои 200 ҷойи нишаст мебошад.

Дар мактаб барои таълиму тарбияи хонандагон 45 омӯзгори соҳибтахассус кору фаъолият менамоянд. Мактаб дорои таҷҳизоти гармидиҳӣ мебошад, ки тариқи он синфхонаҳо дар фасли зимистон гарм нигоҳ дошта мешаванд.

Ҳадаф аз бунёд ва ба истифода додани муассисаи нави таълимӣ дар ноҳияи Данғара идомаи мантиқии сиёсати маорифпарваронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ба ин восита беҳтар намудани сатҳу сифати таҳсилот, ҷорӣ кардани усулҳои нави таълим ва тарбияи хонандагони болаёқат дар руҳияи илмомӯзӣ ва ватандӯстӣ мебошад.

Атрофи бинои нави муассисаи таълимӣ бо дарахтони сояафкан ва гулу буттаҳои ороишӣ сабзу хуррам карда шудааст, ки ба ташаккули ҳисси зебоипарастии хонандагон мусоидат менамояд. Роҳҳои кӯчаҳои ҳамшафат ва гирду атрофи иншоот низ бо ташаббус ва маблағгузории оилаи Гуловҳо наздик ба як километр мумфарш карда шудааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо шароити муҳайёшуда дар иншооти таълимӣ ба сатҳу сифати корҳои сохтмонӣ баҳои баланд дода, ба омӯзгорон барои истифодаи оқилонаи имкониятҳои мавҷуда ва тарбияи ҷавонони босаводу лаёқатманд дастуру ҳидоятҳо доданд.

***

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар идомаи сафари корӣ дар деҳаи Сафедоби ноҳияи Данғара муассисаи таҳсилоти томактабии Орзуро мавриди истифода қарор доданд.

Иншооти навсохт дар деҳаи Сафедоб ягона муассисаи томактабӣ ба шумор меравад, ки бо ҳадафи амалӣ сохтани дастурҳои Роҳбари давлат ҷиҳати ба таълиму тарбияи томактабӣ фаро гирифтани насли наврас бунёд шуда, барои 300 кӯдак пешбинӣ гардидааст .

Бинои хуштарҳу замонавӣ ба истиқболи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ аз ҷониби оилаи Рауфзодаҳо бо истифодаи масолеҳи босифати сохтмонӣ сохта шуда, дорои 9 синфхонаи барҳавои таълимӣ, хобгоҳ, толори мусиқӣ, ошхона, нуқтаҳои хизматрасонии тиббӣ ва ёрирасон мебошад.

Дар ҳамин ҷо Президенти кишвар бо аввалин тарбиятгирандагони ин даргоҳи илму маърифат суҳбат карда, масъулонро ба тарбияи дурусти кӯдакон ва истифодаи шароити фароҳамшуда ҳидоят намуданд.

Барои тарбияи кӯдакон, парастороні дорои таҷрибаи баланд ва донандаи забонҳои хориҷӣ ҷалб шудаанд ва раванди таълим бо забонҳои тоҷикӣ ва русиву англисӣ сурат мегирад.

Роҳбари давлат иқдоми оилаи Рауфзодаҳоро барои бунёди кӯдакистон ва дигар иншооти хизматрасонӣ намунавӣ ва дар рушди ояндаи соҳа муҳим арзёбӣ карданд.

Ҳамаи синфхона ва ҳуҷраҳои корияи бино дар баробари пайваст шудан бо системаи ягонаи гармидиҳӣ, ҳамзамон, бо таҷҳизоту лампаҳои каммасрафи барқӣ таъмин аст.

Дар доираи корҳои ободонӣ дар атрофи бино айвону нишастгоҳҳо ва майдончаи бозӣ барои кӯдакон бо тарҳи муосиру ҷавобгӯи талабот бунёд шудааст.

Соҳибкорони ноҳияи Данғара дар амалӣ сохтани сиёсати созандаи Пешвои муаззами миллат, мактаби садоқату боварӣ барои фардои дурахшон, таъмини зиндагии шоиста барои насли имрӯзу фардо ва дар самти эҳсоси баланди хештаншиносиву худогоҳӣ, ватандӯстиву раиятпарварӣ намунаи ибрат гардиданд.

(Давомаш дар саҳ. 6)

Соли 2027 дар Тоҷикистон Рӯзҳои фарҳанги Покистон баргузор мегарданд.

Ҳеҷ чиз нест, ки ба хондан наярзад ва охир ҳеҷ ҳикоят аз нуктае, ки ба кор ояд, холӣ набошад.
Абулфазли Байҳақӣ

(Аввалаш дар саҳ. 5)

Танҳо дар доираи сафари корӣ дар марказ ва деҳоти ноҳия 3 муассисаи таҳсилоти томактабӣ бо фарогирии 1000 кӯдак бе ҷалби маблағҳои буҷетӣ бо дастгирии соҳибкорон ба истифода дода шуда, ҳоло сохтмони 5 кӯдакистони дигар идома дорад.

Аз соли 2024 то ин давра зиёда аз 10 муассисаи томактабӣ барои 3000 кӯдак сохта шудааст, ки ин намунаи олии дастгирии соҳибкорону шахсони ватандӯсти ноҳия аз ташаббусҳои созандаи Роҳбари давлат нисбат ба насли ояндаи кишвар шаҳодат медиҳад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пас аз ифтитоҳи кӯдакистони Орзу ба таври фосилавӣ 10 иншооти нави иҷтимоӣ ва хизматрасонӣ, аз ҷумла, 16 километр роҳи деҳаи Сафедобро ифтитоҳ намуданд.

Маҷмуи иншооти навсохтро роҳу пул, иншооти иҷтимоӣ, хизматрасонӣ ва варзишӣ ташкил медиҳад, ки ҳамаи он аз ҷониби соҳибкорон ва сокинони ватандӯсти ноҳияи Данғара бе ҷалби маблағҳои буҷетӣ бунёд шудааст.

Дар ҳамин ҷо нахуст ба Роҳбари давлат роҳи 16 километраи деҳаи Сафедоб ва роҳҳои асфалтпӯши деҳаҳои Остона, Сафоруд, Ғиҷовак, Хуррамзамин, Рахшонзамин, Калкот, Раҳмониён, маҳаллаи 15, шаҳраки Данғара ва пули навсохти деҳаи Сафедоб муаррифӣ шуд.

Дар маҷмуъ, дар рӯзи сафари корӣ Пешвои миллат ба ноҳияи Данғара бо саҳми соҳибкорони ноҳияи Данғара 55 километр роҳҳои марказӣ ва деҳаҳои дурдаст мавриди истифода қарор дода шуд ва барои таъмини шароити созгори мардум имконоти мусоиди хизматрасонӣ фароҳам гардид.

Иттилоъ дода шуд, ки ҳаҷми корҳои мумфаршкунии роҳҳои дохилӣ то охири ҳамин сол ба 100 километр расонда мешавад. Ин ҳама бо саҳми соҳибкорон ва шахсони ватандӯсти ноҳия анҷом дода хоҳад шуд.

Бо бунёди 16 километр роҳи дохилии деҳаи Сафедор мушкилоти чандинсолаи сокинон бартараф ва сатҳи хизматрасонӣ ба аҳолӣ беҳтар гардонида шуд.

Бо амалӣ сохтани тадбирҳои созанда роҳҳои деҳаи Талхоби деҳоти Сафобахш аз ҷониби оилаи Ҷамиловҳо ба масофаи зиёда аз 1 километр пурра мумфарш гардид ва ду шафати он бо истифода аз панелҳои офтобӣ пурра ҷароғон гардид.

Амалисозии тадбирҳои созандаи соҳибкорони ноҳияи Данғара беҳбудиро дар рафтуомади мусофирон ва таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ фароҳам сохт.

Иншооти дигари иҷтимоӣ, ки дар ин ҷо ба таври фосилавӣ ба Роҳбари давлат муаррифӣ карда шуд, ифтитоҳи 5 хонаи истиқоматӣ барои омӯзгорон, марказҳои хизматрасонӣ, қасри фарҳанг, хатти оби нӯшокӣ барои 531 хоҷагӣ бо обанбори ғунҷоишаш 2500 метри мукааб об, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 87 барои 540 хонанда дар ду баст ва ду майдончаи варзишӣ дар деҳаи Сафедоб буд.

Дар деҳаи мазкур барои ҷалби омӯзгорони ҷавон ба тарбияи насли наврас аз ҷониби хоҷагии деҳқонии Бобораӯф бинои дуошёна сохта шуд, ки дар он 5 хонаи истиқоматӣ барои омӯзгорони ҷавон ва 4 нуқтаи нави савдо ҷойгир аст. Бо ба истифода додани иншооти нав 10 сокини деҳа бо кор таъмин шуданд.

Сокинон ва соҳибкорони деҳаи Сафедоб ба истиқболи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ ба масъалаи ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ, аз ҷумла таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокӣ, рушди инфрасохтори деҳот, ҷалби ҷавонон ба тарзи ҳаёти солим ва бунёди синфхонаҳо ва муҷаҳҳазсозии онҳо бо таҷҳизоту технологияи муосир тадбирҳои зарурӣ амалӣ намуда, натиҷаҳоро афзун мегардонанд.

Дар ҳамин рӯз варзишгоҳи нав барои машғул шудани ҷавонон ба бозии футбол ва дарёфти бозингарони соҳибистеъдод мавриди истифода қарор дода шуд. Иншоот бо саҳми сокини деҳаи Сафедор Ҷамшед Рауфзода дар пайравӣ ба иқдомҳои Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар масоҳати зиёда аз 1000 метри мураббаъ сохта шудааст, ки минбаъд сокинон, хоса ҷавонони деҳа метавонанд вақтҳои холигии худро ба варзиш сарф кунанд.

Дар ҳамин ҷо ба хотири ташрифи Пешвои миллат аз ҷониби 70 хоҷагии деҳқонии деҳаи Сафедор намоиши маҳсулоти кишоварзӣ доир карда шуд.



Фаровонии маҳсулоти кишоварзӣ натиҷа аз заҳмати софдилона бо замин ва фаъолияти самарабахши деҳқонон аст.

Кооперативи тиҷоратии Бобораӯф яке аз хоҷагиҳои фаъол дар деҳаи Сафедор ба ҳисоб рафта, саҳмдоронаш бо заҳмати софдилона дар фаровонии маҳсулоти кишоварзӣ ва таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти гӯшту шир саҳми арзанда мегузоранд.

Кооперативи тиҷоратии Бобораӯф серсоҳа буда, ҳамасола аз 254 гектар замини корам ҳосили хуб ба даст меоранд ва аз ҳисоби даромади хоҷагӣ дар ободии зодгоҳашон, деҳаи Сафедор саҳми арзанда мегузоранд.

***

Дар идомаи сафари корӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳоти Ғиҷоваки ноҳияи Данғара бинои муассисаи томактабии Зирамоҳро мавриди истифода қарор доданд.

Иншооти нав бо ташаббуси соҳибкори ватандӯст Раҳимҷон Саидзода дар пайравӣ аз сиёсати маорифпарваронаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бунёд гардидааст. Муассисаи томактабӣ барои 300 кӯдак пешбинӣ шуда, дар он 30 корманд, аз ҷумла, 26 мураббия ва ёварони онҳо ба тарбияи кӯдакон машғул мебошанд.

Кӯдакистон аз 20 ҳуҷраи машғулият, аз ҷумла, 10 ҳуҷраи хоб, ошхона ва дигар иншооти ёрирасон иборат буда, бо таҷҳизоти зарурӣ ва воситаҳои таълимӣ муҷаҳҳаз гардонида шудаанд. Дар ҳуҷраҳои машғулият барои рушди қобилияти зеҳнӣ, ташаккули ҷаҳонбинӣ ва тарбияи кӯдакон дар руҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ шароити зарурӣ фароҳам оварда шудааст.

Муассиса ба шабакаи мутамаркази гармидиҳӣ пайваст буда, ҳуҷраҳо бо оби гарм таъмин мебошанд. Таълиму тарбия дар кӯдакистон бо забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ба роҳ монда шуда, барои рушди қобилияти эҷодии кӯдакон толори мусиқӣ низ фаъолият мекунад. Дар саҳни бино, инчунин, айвончаи тобистона барои гузаронидани машғулиятҳои кӯдакон сохта шудааст.

Зимни шиносоӣ бо шароити муассиса Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати корҳои анҷомёфта ва шароити фароҳамгардида баҳои баланд дода, аз иқдоми созандаи соҳибкори ҳиммматбаланд Раҳимҷон Саидзода изҳори қаноатмандӣ намуданд.

Роҳбари давлат зимни суҳбат бо омӯзгорон ва масъулон ба масъалаи таълиму тарбияи босифат, рушди ҳамаҷонибаи кӯдакон ва истифодаи усулҳои муосири таълим таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуданд. Ҳамзамон таъкид карданд, ки кӯдакон аз синни хурдсолӣ дар руҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ тарбия ёфта, дар қалби онҳо эҳтиром ба Ватан, арзишҳои миллӣ ва муҳаббат ба обу хоки аҷдодӣ ҷой дода шавад.

Дар назди муассисаи таҳсилоти томактабии Зирамоҳ гулгашти зебо бунёд гардида, барои баргузории чорабиниҳои ҷашнӣ ва фароҳам овардани шароити муносиб барои истироҳату фароғати сокинони деҳа пешбинӣ шудааст.

Дар ду паҳлуи гулгашт айвончаҳо сохта шуда, барои истироҳати сокинони деҳа ва гузаронидани чорабиниҳои гуногун истифода мешаванд. Дар ҳудуди гулгашт дарахтони ҳамешасабз ва гулҳои мавсимӣ шинонида шуда, гирду атрофи он ободу зебо гардонида шудааст.

Шомгоҳон бо фурӯзон гардидани чароғҳои равшанидиҳанда гулгашт намои зебо пайдо карда, ба ҳусни муассисаи томактабии Зирамоҳ ва муҳити атроф зебоии хос зам менамояд.

***

Пас аз боздид аз муассисаи таҳсилоти томактабии Зирамоҳ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар саҳни кӯдакистон ба таври фосилавӣ бо рафти корҳои ободониву созандагӣ дар деҳаи Ғиҷовак шинос шуданд.

Нахуст Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои иловагии таълимиро дар назди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №23 ба истифода доданд.

Бинои нав барои 480 хонанда дар ду баст пешбинӣ гардида, аз 13 синфхона иборат мебошад. Синфхонаҳои иловагӣ асосан барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ сохта шудаанд. Дар муассиса 17 омӯзгор ба таълиму тарбияи хонандагон машғул мебошанд. Ба истифода додани бинои иловагии таълимӣ имкониятҳои муассисаро васеъ намуда, барои таҳсили хонандагон дар шароити муносиб заминаи мусоид фароҳам меорад.

Ҳамчунин, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таври фосилавӣ аз ҳолати роҳҳои ҳудуди деҳаи Ғиҷовак шинос шуданд.

Дар доираи корҳои ободониву созандагӣ бо саҳми соҳибкорони маҳаллӣ роҳҳои ҳудуди деҳа ба масофаи 8 километр мумфарш карда шудаанд.

Дар идома ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон лоиҳаҳои бинои хобгоҳ барои омӯзгорон, Қасри фарҳанг ва Маҷмааи варзиш, ки аз меҳмонхона, ошхона, ҳуҷраҳои варзишӣ ва майдончаҳо барои бозии футбол, волейбол ва баскетбол сохта мешаванд, муаррифӣ карда шуд.

Бинои хобгоҳ аз панҷ ошёна иборат буда, барои истиқомати 9 оила пешбинӣ шудааст. Бунёди он барои беҳтар намудани шароити иҷтимоиву маишии омӯзгорон ва таъмини онҳо бо манзили зисти муносиб равона гардидааст. Фароҳам овардани чунин шароит барои ҷалби мутахассисони соҳаи маориф ва фаъолияти самараноки онҳо дар маҳал заминаи мусоид фароҳам меорад.

Ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки Қасри фарҳанг дар қисмати болоии деҳа сохта шуда, дорои толор бо 500 ҷойи нишаст, 8 ҳуҷраи корӣ ва китобхона хоҳад буд. Иншоот барои баргузории чорабиниҳои фарҳангиву маърифатӣ пешбинӣ гардидааст.

Ҳамчунин, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо лоиҳаи бунёди Маҷмааи варзиш, меҳмонхона, ошхона ва майдончаҳои варзишӣ дар деҳаи Ғиҷовак шинос шуданд.

Иншооти мазкур барои ҷалби наврасону ҷавонон ба варзиш, тарғиби тарзи ҳаёти солим ва рушди намудҳои гуногуни варзиш пешбинӣ шуда, барои баргузории машғулиятҳо ва чорабиниҳои варзишӣ имкониятҳои зарурӣ фароҳам меоранд.

Роҳбари давлат ба масъулин дастур доданд, ки бинои хобгоҳи омӯзгорон ва Қасри фарҳанг дар муҳлати як сол ва Маҷмааи варзишӣ, меҳмонхона, ошхона ва майдончаҳои варзишӣ барои бозии футбол, волейбол ва баскетбол дар ду соли оянда бунёд гардида, мавриди истифода қарор дода шаванд.

Татбиқи ин лоиҳаҳо ва идомаи корҳои ободониву созандагӣ дар деҳаи Ғиҷовак ба рушди инфрасохтори маҳал, беҳтар гардидани сатҳи хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва фароҳам овардани шароити арзандаи зиндагӣ барои сокинон мусоидат хоҳад кард.

Дар доираи сафари корӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дар ноҳияи Данғара 24 иншооти иҷтимоию иқтисодӣ мавриди истифода қарор дода шуд.

Аз ҷумла, се муассисаи таҳсилоти томактабӣ барои 1000 кӯдак, чор корхонаи истеҳсолӣ бо 63 ҷойи корӣ, панҷ хонаи истиқоматӣ барои омӯзгорон, маркази хизматрасонӣ, пули мошингузар дар деҳаи Сафедоб, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ барои 1620 хонанда дар ду баст, хатти оби нӯшокӣ барои 531 хоҷагӣ, қасри фарҳанг ва ду майдончаи варзишӣ ба истифода дода шуданд.

Ҳамчунин, 16 километр роҳи дохили деҳаи Сафедоб, 8 километр роҳи ҳудуди деҳаи Ғиҷовак ва бинои иловагӣ барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба истифода дода шуд.

Бо ташаббуси соҳибкорони ҳиммматбаланди ноҳия, дар маҷмуъ, 58 километр роҳҳои дорои аҳаммияти маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ таъмиру мумфарш карда шуд.

Дар шаҳри Қоҳираи Миср таҳти унвони «Тоҷикистон: 35 соли Истиқлоли давлатӣ ва дастовардҳои таърихӣ» коференсия баргузор гардид.

ҚАДРДОНӢ

МАРОСИМИ МУКОФОТСУПОРӢ БА ИФТИХОРИ 35-УМИН СОЛГАРДИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ



28 август дар Қасри миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 35-солагии Истиқлоли давлатӣ ба кормандони касбу кори гуногун, собиқадорони меҳнат ва як гуруҳ собиқ вакилони Иҷлосияи таърихии 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мукофотҳои давлатӣ тақдим намуданд.

Дар оғози маросим Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон суханронӣ намуда, ҳозиринро ба ифтихори санаи муҳимми таърихӣ – 35-умин солгарди Истиқлоли давлатӣ табрику таҳният гуфтанд.

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки тадбирҳои бузурги созандагиву бунёдкорӣ маҳз бо саъйу талоши ватандӯстона ва заҳмати аҳлонаву созандаи мардуми шарифи Тоҷикистон анҷом дода шудаанд.

Таъкид гардид, ки дар ин раванд саҳми соҳибкорони ватандӯст, ки дар ҳамкорӣ бо Ҳукумати кишвар дар ободу зебо гардонидани Тоҷикистони маҳбубамон фаъолона ширкат доранд, баръало эҳсос мегардад.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд, ки роҳбарияти давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳама гуна ташаббус ва амалҳои созанда истиқбол намуда, аз дастоварду хизматҳои шоён ҳамеша қадрдонӣ мекунад.

Гуфта шуд, ки дар саросари кишвар барои сазовор пешвоз гирифтани ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ бо иштироки фаъолона ва саҳми аҳолӣ, бахусус, соҳибкорони бонангу номуси ҷумҳурӣ, 35 ҳазору 300 иншооти таъиноти гуногун сохта, ба истифода дода шудааст. Ин тадбир боис гардид, ки имрӯз симои ҳамаи шаҳру ноҳияҳо куллан дигаргун шуда, садҳо ҳазор ҷойи корӣ таъсис ва шароити зиндагии мардуми кишвар бамаротиб беҳтар гардад.

Зикр карда шуд, ки мардуми бонангу номуси мо бо азму иродаи қавии худ ва заҳмати софдилона Ватани маҳбубамонро боз ҳам ободу пешрафта мегардонанд, шуҳрати онро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ баланд мебардоранд ва бо ҳамин роҳ шоҳроҳи таърихии халқамонро, ки аз истиқлолу озодӣ ва ваҳдати миллӣ оғоз гардидааст, сарбаландона идома медиҳанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо эътимод иброз доштанд, ки 35-солагии Истиқлоли давлатӣ ҳамчун ҷашни мубораки миллӣ ба густариши бештари худогоҳиву худшиносӣ, ваҳдати миллӣ, ҳисси ватандӯстиву ватанпарастӣ ва ифтихори ватандории ҳар як фарди бонангу номуси Тоҷикистони биҳиштосо неруи тоза мебахшад.

Дар фароварди сухан муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки шахсони бо мукофотҳои давлатӣ сарфарозгашта тамоми донишу таҷрибаи худро дар ҷодаи ободии кишвари азизамон, пойдории сулҳу суботи ҷомеа ва пешрафти иқтисодиёту иҷтимоиёти Тоҷикистон равона месозанд.

Баъди суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маросими супоридани мукофотҳои давлатӣ баргузор шуд.

Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо ордени Исмоили Сомонӣ дараҷаи 1 сарфароз гардонда шуданд.

Барои дастовардҳои баланди меҳнатӣ, фаъолияти самаранок дар хизмати давлатӣ, рушди илму фарҳанг ва дигар бахшҳои иқтисоди миллӣ 162 корманди соҳаҳои илму фарҳанг, тандурустӣ, истеҳсоли мол ва хизматрасониҳо ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, аз Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон – ордени Шараф дараҷаи 1, ордени Шараф дараҷаи 2, унвони фахрии Корманди шоистаи Тоҷикистон, ордени Исмоили Сомонӣ дараҷаи 2, унвони фахрии Нависандаи халқии Тоҷикистон, унвони фахрии Шоири халқии Тоҷикистон, унвони фахрии Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, унвони фахрии Арбоби ҳунари Тоҷикистон, унвони фахрии Донори ифтихории Тоҷикистон, медали Хизмати шоиста, медали ҷашнии 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино дар соҳаҳои илм ва техникаро гирифтанд.

Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарфарозгардонии кормандони соҳаҳои илму фарҳанг, тандурустӣ, истеҳсоли мол ва хизматрасониҳо, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, дигар хизматчиёни давлатӣ ва соҳибкорон бо мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», як қатор кормандон ва собиқадорон барои саҳми арзанда дар рушди илму фарҳанги кишвар, ҳифзи саломатии аҳолӣ, фаъолияти самаранок дар хизмати давлатӣ ва дастовардҳои баланди истеҳсолию соҳибкорӣ мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида шуданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими супоридани мукофотҳои давлатӣ саҳми ҳамаи ҳозиринро дар рушди соҳаҳо, шукуфоии сарзамин ва пешрафту тараққиёти пойтахти кишвар - шаҳри Душанбе махсус таъкид намуданд.

Натиҷаи қадршиносиҳо буд, ки имрӯз дар маросими мукофотсупорӣ 1 нафар бо ордени Исмоили Сомонӣ дараҷаи 1, 4 нафар бо ордени Шараф дараҷаи 1, 10 кас бо ордени Шараф дараҷаи 2, 95 кас бо медали ҷашнии 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 13 нафар бо унвони фахрии Корманди шоистаи Тоҷикистон, 2 кас бо ордени Исмоили Сомонӣ дараҷаи 2, 3 нафар бо унвони фахрии Нависандаи халқии Тоҷикистон, 1 кас бо унвони фахрии Шоири халқии Тоҷикистон, 2 кас бо унвони фахрии Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, 1 нафар бо унвони фахрии Арбоби ҳунари Тоҷикистон, 1 кас бо унвони фахрии Донори ифтихории Тоҷикистон, 21 нафар бо медали Хизмати шоиста сарфароз шуданд.

Тибқи қарори Кумитаи дарёфти ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино дар соҳаҳои илм ва техникаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба додани ҷоизаи давлатӣ дар соли 2026 8 нафар сазовори ҷоизаи давлатӣ дар соҳаҳои илм ва техника гардиданд.

Дар маросими мукофотсупорӣ ба истиқболи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ як гуруҳ собиқадорони меҳнат ва собиқ вакилони Иҷлосияи тақдирсози 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хизматҳои арзанда ва саҳми бузург дар рушди парламентаризми тоҷик бо мукофотҳои давлатӣ сарфароз гардиданд.

Мавриди зикр аст, ки дар арафаи ҷашни истиқлоли давлатӣ бо мукофотҳои давлатӣ қадрдонӣ кардани заҳмати намояндагони касбу кори гуногун, аз ҷумла, олимону омӯзгорон, шоирону нависандагон, аҳли фарҳангу санъат, коргарону сохтмончиён, кишоварзону соҳибкорон ва собиқадорони соҳаҳои мухталиф дар кишвари мо ба анъанаи неки даврони соҳибихтиёрӣ табдил ёфтааст.

Зимни маросими мукофотсупорӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки бунёди неругоҳҳои обӣ, навсозӣ кардани неругоҳҳои амалкунанда, сохтмони ҳазорҳо километр роҳу нақб ва пулҳо, ҳазорҳо корхонаи истеҳсолӣ, даҳҳо ҳазор иншооти



иҷтимоӣ, аз ҷумла, муассисаҳои таълимӣ ва тандурустӣ ба мо маҳз ба шарофати Истиқлоли давлатӣ муяссар гардид.

Дар анҷоми маросими мукофотсупорӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саҳми мардуми кишвар, аз ҷумла, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, собиқадорон ва дигаронро дар пешрафту ободонии кишварамон басо арзишманд номиданд.

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар ҳамаи ҳозиринро, ки соҳиби мукофотҳои давлатӣ гардиданд, табрику таҳният гуфта, ба онҳо хоҳони барору муваффақият шуданд.

ТАШАББУСИ ҶАҲОНӢ



Қабули қатънома оид ба Рӯзи байналмилалии зеҳни сунъӣ

31 августи соли 2026 Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон қатънома қабул намуд, ки тибқи он аз соли 2027 ба баъд 31 август ҳамчун Рӯзи байналмилалии зеҳни сунъии бехатар, ҳифзшуда ва боэътимод таҷлил мегардад.

Қабули қатъномаи мазкур идомаи сиёсати пайгиронаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташаббусҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти рушди зеҳни сунъӣ, технологияҳои навин ва истифодаи масъулонаи онҳо мебошад.

Интихоби 31 август аҳаммияти таърихӣ дорад, зеро маҳз дар ҳамин рӯз, соли 1955, пешниҳоди лоиҳаи таҳқиқотии Донишгоҳи Дартмут оид ба зеҳни сунъӣ ба миён гузошта шуда буд.

Эълон гардидани ин Рӯзи байналмилалӣ барои таҳкими ҳамкории ҷаҳонӣ, табодули таҷриба ва рушди бехатару масъулонаи зеҳни сунъӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Ин ташаббус саҳми муҳими Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули рӯзномаи байналмилалӣ оид ба зеҳни сунъӣ буда, мавқеи фаъоли кишварро дар истифодаи технологияҳои навин ба манфиати рушди устувор ва некӯаҳволии инсоният инъикос менамояд.

Дар арафаи соли нави хониш ба 40 нафар ятими кулли шаҳри Ҳисор либоси мактабӣ ва лавозимоти хониш тақдим карда шуд.

Аз гуфтор боз тавон истод ва аз навишта боз натавон истод.

Абулфазли Байҳақӣ

ФАЙЗИ ИСТИҚЛОЛ

МУАССИСАҲОИ НАВИ ТАЪЛИМӢ ДАР ДУШАНБЕ



28 август Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар ноҳияи Шоҳмансури пойтахт бо бардоштани парда аз рӯи лавҳаи рамзӣ бинои нави муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 20-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Бинои нави муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 20 ба истиқболи шоиста аз ҷашни муқаддаси миллӣ – 35-солагии Истиқлоли давлатӣ бо дастгирии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе бо риояи талаботи стандартҳои байналмилалӣ ва тарҳу унсурҳои муосири меъморӣ бунёд гардидааст.

Корҳои сохтмонии муассисаи таълимии мазкур давоми як сол ҷараён гирифта, инак барои солҳои таҳсили 2026-2027 омода гардид.

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки ин боргоҳи илму маърифат, ки дар заминаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 20-и қаблӣ бунёд карда шудааст, бо назардошти зиёдшавии аҳолӣ барои 2400 хонанда дар ду баст пешбинӣ гардидааст.

Ин муассисаи таълимӣ бо шароиту имкониятҳои васеи таълиму тарбия ва технологияи муосир таъмин гардида, дорои 58 синфхонаи барҳавои таълимию фаннӣ, 16 ҳуҷраи кории омӯзгорон, китобхона бо 90 ҷойи нишаст, китобхонаи электронӣ бо 24 ҷойи нишаст, маҷлисгоҳ бо 350 ҷойи нишаст, толори варзишӣ бо 70 ҷойи нишаст, толори тенниси рӯйи миз, майдончаи варзишии тобистона, ошхона бо 210 ҷойи нишаст, бунгоҳи тиббӣ ва ҳуҷраҳои техникию ёрирасон мебошад.

Дар китобхонаи муассиса 14 ҳазору 200 китоб мавҷуд аст, ки аз ин нишондиҳанда 4 ҳазору 500-тои онро асарҳои бадеии адибони классику муосир ташкил медиҳад.

Бо мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани бинои нави муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 20-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе шумораи омӯзгорони муассиса ба 90 нафар расид.

Барои фаро гирифтани хонандагон бо омӯзиши касбҳои гуногун дар муассиса синфхонаҳои касбомӯзӣ амал менамояд, ки бо шароити муосир таъмин гардидааст. Ин тадбир ба наврасон имкон медиҳад, ки дар баробари омӯзиши илму дониш ҳамчунин ҳунар ва касбҳои гуногунро аз худ намоянд.

Дар муассисаи мазкур ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионӣ тақвият дода мешаванд.

Бунёди муассисаҳои нави таълимӣ дар доираи амалишавии «Стратегияи миллии рушди маориф барои давраи то соли 2030» амалӣ гардидааст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суҳбат баланд бардоштани сифати таҳсил ва дар руҳияи худогоҳиву ватандӯстӣ тарбия намудани кӯдакону наврасонро рисолати касбии омӯзгорон арзёбӣ намуда, таъкид доштанд, ки бо бунёди муассисаҳои нави таълимӣ ва васеъ гардидани шароити хуби таълиму тарбия, пеш аз ҳама, бояд низоми таҳсилот ба стандартҳои ҷаҳонӣ мутобиқ гардонида шуда, ба омӯзиши донишҳои муосир, фанҳои дақиқ, забонҳои хориҷӣ ва технологияҳои нав таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир карда шавад.

Давоми 35 соли соҳибистиқлолии кишвар дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 20 муассисаи нави таълимӣ бо 19 ҳазору 564 ҷойи нишаст ба истифода дода шудааст.

***

28 август Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтрам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ пас аз ифтитоҳи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №20 ба фаъолияти ҳафт иншооти дигари соҳаи маориф ба таври фосилавӣ оғоз бахшиданд.

Бунёд ва ба фаъолият оғоз намудани иншооти нави соҳа барои дар шароити муосир ба таҳсил фаро гирифтани насли ояндаи миллат заминаҳои муассир фароҳам оварда шудааст.

Муассисаи таҳсилоти томактабии хусусии «Нури миллат», воқеъ дар кӯчаи Ҷаббор Расулов, ки бо тарҳи меъмории миллӣ сохта ва барои 200 кӯдак пешбинӣ шудааст.

Кӯдакистон дорои синфхонаи муҷаҳҳаз, ҳуҷраҳои хоб, толори маҷлис, ошхона ва дигар иншооти ёрирасон буда, дар он барои ба таҳсилоти томактабӣ фаро гирифтани насли ояндаи миллат шароити зарурӣ фароҳам оварда шудааст.

Муассисаи таҳсилоти томактабии хусусии «Нури Истиқлол», воқеъ дар кӯчаи Асадулло Ғуломови ноҳияи Сино низ бо шароити муосири таълиму тарбия омода гаштааст.

Муассиса дорои 12 синфхона, 12 ҳуҷраи хоб ва толори машқу тамрин буда, тибқи лоиҳа барои фарогирии 180 кӯдак пешбинӣ шудааст.

Дар ин муассиса 12 парастори соҳибтахассус бо кори доимӣ таъмин шудаанд.

Муассиасаи таҳсилоти томактабии хусусии «Насли Истиқлол» дар кӯчаи Карамови пойтахт сохта шуда, барои ба зинаи аввали таҳсил фаро гирифтани 50 кӯдак пешбинӣ шудааст.

Муассисаи томактабӣ дорои толорҳо барои машғулият, бозии кӯдакон, мусиқӣ, хоб ва ошхонаю дигар иншооти ёрирасон буда, раванди таҳсил бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ба роҳ монда мешавад. Дар ин кӯдакистон 3 парастори дорои касбияти баланд ва дар маҷмуъ 15 сокини маҳаллӣ бо кори муносиб таъмин шудаанд.

Муассисаи томактабии хусусии «Умеди Ватан» дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе бо саҳми соҳибкорони ватанӣ дар доҳили бинои истиқоматӣ таъсис дода шудааст. Дар ин муассиса имкон аст, ки 100 нафар дӯстрӯякон ба зинаи аввали таҳсилот фаро гирифта шаванд. Баъди ба фаъолият оғоз кардани кӯдакистон 16 нафар бо кори доимӣ таъмин гардидаанд.

Муассисаи томактабии хусусиии «Кайҳон» дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ҷойгир буда, бо саҳми соҳибкори ватанӣ Нигина Амирхонзода бунёд гардидааст.

Дар муассисаи томактабӣ имкони қабули 160 кӯдак вуҷуд дорад. Барои таълиму тарбияи кӯдакон 15 омӯзгору парастор ба кор ҷалб шудаанд.

Дар ин кӯдакистон ҷиҳати гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ, бозиҳои инкишофдиҳанда, истироҳат ва фароғати кӯдакон шароити зарурӣ фароҳам оварда шудааст.

Муассисаи таҳсилоти томактабии хусусии «Шабо» дар кӯчаи Навбаҳор-2-и ноҳияи Сино сохта шуда, дар он барои ба зиннаи таҳсилоти томактабӣ фаро гирифтани 140 кӯдак шароити муосир фароҳам оварда шудааст.

Иншоот аз ҷониби соҳибкори ватанӣ Беҳрӯз Искандаров сохта шудааст.

Ба фаъолият оғоз намудани иншоот ба таъсиси 20 ҷойи корӣ нав замина фароҳам оварда шудааст.

Ин муассисаҳои зебову замонавӣ дар асоси дастури Пешвои миллат вобаста ба бунёди ҳатмии кӯдакистонҳо дар ҳар маҳаллаи дорои зиёда аз 100 хонавода сохта шуда, ба татбиқи босамари «Барномаи рушди таълиму тарбияи томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030» мусоидат мекунад.

Ифтитоҳи муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои ба таҳсилоти томактабӣ фаро гирифтани 830 кӯдак ва бо кор таъмин гаштани 150 нафар шароит фароҳам оварда шудааст.

Литсейи хусусии ба номи Абдукарим Қодиров, ки дар ин рӯз аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таври фосилавӣ ифтитоҳ шуд, бозгӯи таваҷҷуҳи Ҳукумат ба рушди соҳаи маориф ва илм мебошад.

Муассисаи таълимӣ дар ноҳияи Шоҳмансур аз ҷониби ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Ёқут-2000 сохта шуда, барои 840 хонанда дар як баст пешбинӣ шудааст. Дар ин муассиса 60 омӯзгор ба таълиму тарбияи насли наврас машғул мешаванд.

Бо ифтитоҳи шаш муассисаи таҳсилоти томактабӣ, ки имрӯз аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар шаҳри Душанбе сурат гирифт, теъдоди кӯдакистонҳо дар пойтахт ба 180 муассиса расида, фарогирии кӯдакон бо зинаи аввали таҳсилот аз 36 ҳазору 163 ба наздики 37 ҳазор нафар баробар шуд.

***

31 август Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо мақсади иштирок дар Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ ба муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 105-и ноҳияи Шоҳмансури пойтахт ташриф оварданд.

Нахуст Саркори давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 105-ро мавриди истифода қарор доданд, ки барои 2400 хонанда дар ду баст пешбинӣ шудааст.

Иншооти нави соҳаи маориф аз 5 қисм иборат буда, бунёди он аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе имкон фароҳам оварда, ки наврасону ҷавонони 3 маҳаллаи ноҳияи Шоҳмансури пойтахти кишвар дар шароити муосир ба омӯзиши илму дониш ва касбу ҳунар фаро гирифта шаванд.

Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 105 аз 130 синфхона ва ҳуҷраҳои корию ёрирасон иборат аст, ки аз ин, дар 10 синфхона хонандагон ба омӯзиши фанҳои физика, химия, биология, информатика, забонҳои хориҷӣ, мусиқӣ, тайёрии ҳарбӣ ва таълими меҳнат фаро гирифта мешаванд. Тадбирандешиҳои пайвастаи роҳбарияти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе имкон фароҳам овардааст, ки барои омӯзиши илмҳои дақиқ ва татбиқи намунавии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» дар пойтахти кишвар шароити намунавӣ таъмин гардад.

Дар синфхонаҳои таълими меҳнат барои писарон ва духтарон насли наврас аз хурдӣ дар баробари илму дониш, ҳамзамон, касбу ҳунар меомӯзанд, ки ин дар давраи афзоиши талабот ба мутахассисони баландихтисос дар бозори меҳнат ба ташаккули ҳунармандӣ дар байни ҷавонон боис мегардад.

Бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №105 дорои маҷлисгоҳ бо 400 ҷойи нишаст, ошхона бо 290 курсӣ, толори варзишӣ, китобхонаи анъанавӣ ва электронӣ мебошад.

Саркори давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо шароити таълим дар бинои навбунёди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 105 иқдомҳои шаҳрдориро дар самти бунёди биноҳои таълимӣ ва дар шароити муосир ба таҳсил фаро гирифтани наврасон намунавӣ арзёбӣ карда, инро ҷиҳати ба камол расондани насли донишманду хештаншинос ва мутахассисони баландихтисос басо муҳим арзёбӣ карданд.

Сохтмони иншооти нави соҳаи маориф аз ҷониби Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Сомонтаъминот» бо ҷалби мутахассисони маҳаллию истифодаи масолеҳи сохтмонии истеҳсоли ватанӣ анҷом дода шудааст.

Ифтитоҳи бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 105 дар Рӯзи дониш ва дарси сулҳ туҳфаи арзишманди маънавӣ номида шуд. Дар саҳни бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 105-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе майдони варзишӣ ва сафороӣ барои дарсҳои омодагии ҳарбӣ бунёд гардида, саҳни муассиса чароғон ва сабзкорӣ шудааст.

Бояд ёдовар шуд, ки дар нуҳ соли охир дар ҳудуди шаҳри Душанбе 55 муассисаи нави таълимӣ бо зиёда аз 95 ҳазор ҷойи нишаст ва 42 кӯдакистони замонавӣ барои 8 ҳазор тарбиягиранда бунёд ва ба истифода дода шудааст.

Танҳо соли равон ба ифтихори 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар пойтахти мамлакат 7 муассисаи нави таълимӣ бо 10 ҳазор ҷойи нишаст ва 8 муассисаи томактабии наву замонавӣ барои 1000 кӯдак ба фаъолият оғоз менамояд.

www.president.tj

Байни Академияи идоракунии давлатӣ ва Дафтари барномаҳои САҲА нақшаи чорабиниҳои муштарак ба имзо расид.

ҚАДРШИНОСӢ

Супоридани мукофот ва ҷоизаҳои давлатӣ

31 августи соли равон дар шаҳри Душанбе бо иштироки Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоҳир Расулзода ба ифтихори ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ маросими супоридани мукофот ва ҷоизаҳои давлатӣ ба намояндагони касбу кори гуногун баргузор шуд.

Дар оғози маросими супоридани мукофотҳои давлатӣ Сарвазири кишвар Қоҳир Расулзода намояндагони касбу кори гуногунро ба муносибати 35-солагии Истиқлоли давлатӣ ва сазовор гардиданашон ба мукофоти давлатӣ табрик намуда, онҳоро барои хизмати софдилона ба Ватан ва таъмини рушди минбаъдаи соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ҳидоят намуд.

Таъкид гардид, ки дар тӯли беш аз се даҳсолаи охир бо ташаббусу роҳнамоиҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва заҳмати фидокоронаи мардуми тоҷик, самтҳои муҳимми иҷтимоиву иқтисодии кишвар бесобиқа ва ба таври назаррас рушд намуда, барои беҳсозии сатҳи иҷтимоии аҳолӣ низ заминаи устувор гузошта шуд.

Баъди суханронӣ маросими супоридани мукофотҳои давлатӣ дар вазъияти тантанавӣ баргузор гардид.



Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарфарозгардонии кормандони соҳаҳои илму фарҳанг, тандурустӣ, истеҳсоли мол ва хизматрасониҳо, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, дигар хизматчиёни давлатӣ ва соҳибкорон бо мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» беш аз 170 нафар барои саҳми арзанда дар рушди илму фарҳанги кишвар, ҳифзи саломатии аҳолӣ, фаъолияти самаранок дар хизмати давлатӣ ва дастовардҳои баланди истеҳсолию соҳибкорӣ мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида шуданд. Аз ҷумла, 5 нафар бо ордени Шараф дараҷаи 2, 65 нафар бо медали Хизмати шоиста, 3 нафар бо медали Шафқат, 41 нафар бо медали ҷашнии 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 нафар бо Ифтихорномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардиданд.

Ҳамчунин, 8 нафар бо ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф дар соли 2026, 3 нафар бо ҷоизаи давлатии академик Бобоҷон Ғафуров дар соли 2026, 15 нафар бо ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимону омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соли 2026 ва 33 нафар бо ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ қадрдонӣ карда шуданд.

Шахсони бо мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қадрдонишуда ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори сипосу миннатдорӣ намуданд.

БАРРАСИИ МАСЪАЛАҲОИ МУҲИММИ СОҲА

26 августи соли 2026 дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалсаи навбатии ҳайати мушоваравии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Дар он муовини якуми вазири маориф ва илм Ҳомид Ҳошимзода, муовинони вазир, сардорони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказӣ, роҳбарони муассисаҳои тобеи вазорат, намояндагони як қатор муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо ва дигар шахсони масъул тариқи ҳузурӣ ва маҷозӣ иштирок намуданд.

Муовини якуми вазир ҳозиринро бо рӯзномаи ҷаласа шинос намуда, таъкид кард, ки соҳаи маориф аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ ба ҳисоб рафта, рушди устувори он дар тарбияи насли созанда, баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии ҷомеа ва омода намудани кадрҳои баландихтисос нақши муҳим дорад.

Дар ҷаласа масъалаҳои муҳимми марбут ба фаъолияти муассисаҳои таълимӣ ва омодасозии кадрҳои соҳаи маориф мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Аз ҷумла, ҳисоботи мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров М. Абдуллозода оид ба фаъолияти шуъбаи маорифи ноҳия дар нимсолаи якуми соли 2026 шунида шуд.

Дар рафти баррасии масъала натиҷаҳои фаъолияти соҳаи маориф дар ноҳия, дастовардҳо, мушкилоти ҷойдошта ва вазифаҳои минбаъда мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Муовини якуми вазири маориф ва илм вобаста ба масъалаи мазкур таъкид намуд, ки барои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ва баланд бардоштани сифати фаъолияти соҳаи маориф дар ноҳия, роҳбарияти шуъбаи маориф ҷиҳати беҳтар намудани сифати таълиму тарбия, таҳкими назорати фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сатҳи касбии омӯзгорон, омодагии хонандагон ба олимпиадаю озмунҳо ва беҳтар намудани нишондиҳандаҳои таълимӣ тадбирҳои мушаххас андешанд.

Ҳамчунин, вобаста ба натиҷаи тақсимоти хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ (равияи омӯзгорӣ) дар соли 2026 сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси вазорат Ш. Саъдуллозода баромад намуда, раванди таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ ва масъалаҳои марбут ба тақсимоти мутахассисони ҷавонро мавриди баррасӣ қарор дод.

Дар ҷаласа вобаста ба масъалаҳои баррасишуда қарорҳои дахлдор қабул гардида, барои беҳтар намудани фаъолияти соҳаи маориф ва ҳалли масъалаҳои ҷойдошта ба масъулон дастуру супоришҳои мушаххас дода шуданд.

Таъкид гардид, ки кормандони соҳаи маориф бо роҳнамоӣ аз сиёсати маорифпарваронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои рушди устувори соҳа, тарбияи насли донишманду соҳибмаърифат, ватандӯсту худшинос ва омода намудани кадрҳои ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир аз тамоми имконияту захираҳои мавҷуда самаранок истифода намуда, дар татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат ва истиқболи арзандаи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ саҳми арзандаи худро гузоранд.

Маркази матбуоти
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон

ШОДБОШӢ

Дониш хуршеди оламорост

Паёми табрикии вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода ба муносибати оғози соли нави таҳсили 2026-2027



Ҳамватанони азиз!

Устодон, шогирдон ва падару модарони гиромӣ!

Дар саросари Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо, инак боз соли нави таҳсил оғоз гардида, паём аз марҳалаи тозаи омӯзиши илму дониш ва фарҳангу маърифат меоварад. Ин пайки басо фараҳбахшу нишотоварро ба аҳли таълиму тарбия ва тамоми алоқамандони соҳаи маорифи кишвари маҳбубамон самимона табрик мегӯям.

Дар ҷумҳурии мо ҳамасола дар оғози соли нави таҳсил дар тамоми таълимгоҳҳо Дарси сулҳ ва Рӯзи дониш таҷлил мегардад. Маълум аст, ки ҳадаф аз таҳсил донишандӯзист ва бузургон донишро ҳамбаста ба нерую тавоной, комёбию шарафмандӣ донистаанд. Ҳамосасарои бузург Абулқосими Фирдавсӣ дар ин боб фармудааст:

Касе, к-ӯ ба дониш тавонгар бувад,
Ба гуфтору кирдор беҳтар бувад.

Дониши комил омӯхтан, албатта, дар шароити созгор, дар муҳите, ки сулҳу амният пойдору устувор бошад, муяссар мешавад. Хушбахтона, дар диёри арҷманди мо ба шарофати сиёсати хирадбунёду ватандӯстонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сулҳи саодатбахш тантана дорад ва дар ин замина, аҳли кишвар ба бунёдкорию созандагӣ дар тамоми соҳаҳо, аз ҷумла, соҳаи маориф машғуланд. Ин равандро ташаббуси нави Президенти муҳтарами мо оид ба эълони Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда, ки чанде пеш аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид пазируфта шуд, боз ҳам тақвият бахшид.

Дарси сулҳе, ки ҳамасола Пешвои миллат дар оғози соли таҳсил баргузор мекунанд, саршор аз ғояҳои ватандӯстию ваҳдатпарастӣ, ҳувияти миллию хештаншиносист. Зимни чунин дарс дар оғози соли таҳсили гузашта Сарвари кишвар иброз дошта буданд: «Бояд ҳама якҷоя ҳадафмандона, бо руҳияи баланди миллӣ, шукргузориву ифтихор аз соҳибвataниву соҳибдавлатӣ ва фарҳангу тамаддуни беш аз шашҳазорсолаи тоҷикон барои боз ҳам ободу пешрафта гардонидани Ватани маҳбубамон – Тоҷикистон ва баланд бардоштани обрӯи он дар арсаи байналмилалӣ кӯшишу талош намоем».

Соли таҳсил имсол дар вазъи гуворою тантанавие оғоз меёбад, ки тамоми сокинони мамлакат ба таҷлили бошукӯҳтарин ҷашни миллат – 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон омодагӣ мегиранд. Ин фархундачашн бори дигар ва ба таври хеле барҷаста собит месозад, ки тоҷикон, воқеан, дар давлатдорию бунёдкорӣ мумтозанд, истеъдоду тавоноии дерину табиӣ доранд ва комёбиҳои миллатро шарафмандона ҳифз мекунанд.

Дар давраи соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ, махсусан, соҳаи маориф хеле рушд ёфта, соҳаи афзалиятнок эълон шуд ва ба дастовардҳои фаровоне ноил гашт. Дар ин давра таълимгоҳҳои зиёде бунёд ёфтаву ба таври замонавӣ муҷаҳҳазонида шуданд. Чандест, ки вобаста ба татбиқи комёбиҳои илму инноватсия ва зеҳни сунъӣ дар соҳа марҳалаи тозае оғоз ёфтааст ва дар ин замина, барномаҳои нави фаъолият тарҳрезӣ мешаванд.

Кулли таълимгоҳҳои ҷумҳурӣ бо китобҳои дарсии насли нав, дастуру раҳнамоҳои илмию методӣ ва дигар воситаҳои ёвар комилан таъминанд. Ин ҳама ба болоравии сатҳи таҳсил ва дониши шогирдони мо мусоидат кардааст ва онҳо дар баробари омӯзиши ҳамарӯза дар таълимгоҳҳо дар озмунҳои бонуфузи кишвар – «Фурӯғи субҳи доной китоб аст», «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» ва «Илм – фурӯғи маърифат» фаъолона иштирок мекунанд. Аҳли маорифи мамлакат дар нахустсолҳои татбиқи ҳадафҳои Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040) ба комёбиҳои назаррас ноил гардидаанд.

Боиси ифтихору қаноатмандист, ки дар Тоҷикистони соҳибистиқлол дар заминаи таваҷҷуҳу ғамхориҳои ҳамешагии Пешвои миллат обрӯю эҳтироми омӯзгорон пайваста боло меравад, заҳмати онҳо ба таври шоиста арҷгузорӣ мешавад. Таҳия ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор» дар ҳаёт ва фаъолияти аҳли таълиму тарбия даврае навинеро ифтитоҳ бахшид ва бори дигар собит кард, ки дар кишвари мо омӯзгор сарчашмаи ҳамаи комёбиҳо ва равшангари роҳи фардои миллат эътироф шудааст.

Аҳли маорифи ҷумҳурии азизамон 35-умин солгарди Истиқлоли давлатии кишварро бо ифтихору сарбаландӣ ва бо дастовезҳои арзанда – комёбиҳои нав ба нав дар арсаи таълиму тарбияи насли наврас ва мутахассисони ҷавон пешвоз мегиранд ва минбаъд низ чидду ҷаҳд менамоянд, ки Ватани маҳбубамон боз ҳам пешрав бошад, шуҳрataш ҳамчун диёри бахту саодат, сулҳу ваҳдат ва қаламрави мардумони тамаддунпарвару бунёдкор дар арсаи байналмилалӣ пайваста биафзояд.

Бори дигар ҳамаи шумо – омӯзгорону шогирдони азиз, тамоми алоқамандони соҳаи маориф ва волидайни муҳтарамро бо оғози соли нави таҳсили 2026-2027 табрик мегӯям. Ҳамеша комёбу сарбаланд ва садоқатпеша ба Ватану миллат бошед.

Соли нави таҳсил муборак!

Аз соли 1991 то имрӯз дар ҳудуди вилояти Хатлон сохтмон ва таҷдиди зиёда аз 450 иншооти дорои аҳамияти давлатӣ анҷом дода шудааст.

Бе ҷома шарифӣ, з-он ки ҷонат
Маъруф ба хат аст, не ба ҷома.
Носири Хусрав

ҲАМОИШ



ИШТИРОК ДАР РӮЗИ ДОНИШ ВА ОҒОЗИ СОЛИ НАВИ ТАҲСИЛ

1 сентябри соли 2026 дар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ бахшида ба Рӯзи дониш ва оғози соли нави таҳсил ҳамоиш баргузор гардид.

Дар чорабинӣ вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода, роҳбарият ва ҳайати профессорону омӯзгорони донишгоҳ, олимону муҳаққиқон ва донишҷӯён иштирок намуданд.

Вазири маориф ва илм дар



маҷлиси тантанавӣ суханронӣ намуда, ҳозиринро ба муносибати Рӯзи дониш ва оғози соли нави таҳсил аз номи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шахсан аз номи худ самимона табрик гуфт. Таъкид гардид, ки Рӯзи дониш барои ҳар як инсон оғози роҳи маърифат, барои донишҷӯ марҳалаи нави зиндагӣ ва барои ҷомеа рамзи эҳтиром ба илму дониш, мактабу маориф ва устоду омӯзгор мебошад.

Дар идома зикр гардид, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ маориф ва илм ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ табдил ёфта, барои рушди муассисаҳои таълимӣ, таҳкими заминаи моддию техникӣ, омодасозии кадрҳои соҳибихтисос, рушди таҳқиқоти илмӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосир шароити мусоид фароҳам оварда шудааст.

Вазири маориф ва илм таъкид намуд, ки дар шароити рушди босуръати илму технология, рақамикунонӣ, зеҳни сунъӣ ва иқтисоди донишбунёд омода намудани мутахассисони рақобатпазир вазифаи муҳим мебошад. Дар ин замина, ба нақши муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ ва технологӣ дар омода намудани муҳандисони соҳибкасб, ихтироъкорон, муҳаққиқони ҷавон ва дигар мутахассисони соҳаҳои афзалиятнок таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид.

Ҳамзамон, ба масъалаи баланд бардоштани сифати таҳсилот ва нақши омӯзгор дар таълиму тарбияи насли ҷавон таваҷҷуҳ зоҳир карда шуд. Таъкид гардид, ки омӯзгор дар баробари интиқоли дониш бояд роҳнамо, тарбиятгар, муҳаққиқ ва намунаи ахлоқу маърифати касбӣ бошад.

Дар идомаи суханронӣ донишҷӯён ба донишандӯзӣ, мутолиаи китоб, омӯзиши забонҳои хориҷӣ, аз худ намудани технологияҳои муосир ва ҷалби бештар ба таҳқиқоти илмӣ роҳнамоӣ карда шуданд. Зикр гардид, ки ояндаи кишвар ба дониш, касбият, иродаи созанда ва мавқеи фаъоли ҷавонон вобаста мебошад.

Ҳамчунин, ба масъалаи ҳифзи сулҳу ваҳдати миллӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир гардида, таъкид шуд, ки барои мардуми Тоҷикистон сулҳу субот заминаи асосии рушди давлат ва пешрафти ҷомеа ба ҳисоб меравад. Дар ин замина, аҳаммияти ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси эълон намудани «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда, солҳои 2027-2036» низ таъкид карда шуд.

Дар фарҷом зикр шуд, ки Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ ҳамчун муассисаи муҳимми омодасозии кадрҳои техникӣ бояд дар рушди тафаккури муҳандисӣ, пешбурди илму технология ва омода намудани мутахассисони рақобатпазир саҳми арзанда гузорад.

Дар охир вазири маориф ва илм устодону омӯзгорон, олимону муҳаққиқон, донишҷӯён ва кормандони донишгоҳро ба муносибати Рӯзи дониш ва оғози соли нави таҳсил табрик намуда, ба онҳо дар фаъолияти омӯзгорӣ, илмӣ ва донишандӯзиашон комёбиҳо орзу намуд.

ПАЁМИ СУЛҲ, ДОНИШ ВА ОЯНДАСОЗӢ



1 сентябри соли 2026 дар толори калони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ бо шукӯҳу шаҳомати хоса таҷлил шуд. Чорабинӣ бо садо додани Суруди миллӣ оғоз ёфт. Дар ин санаи муборак ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ – намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода ба донишгоҳ ташриф овард. Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Эмомалӣ Насриддинзода ҷамъомадро ифтитоҳ намуда, ҳузури меҳмон ва аҳли нишастро ба ин боргоҳи илму маърифат хайрамақдам гуфт. Дар зимн, аҳли нишастро ба муносибати Рӯзи дониш, Дарси сулҳ ва 35-умин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон табрик намуд.

Ректори донишгоҳ таъкид намуд, ки дастгирии пайвастаи Пешвои миллат аҳли илму маорифро водор месозад, ки бо масъулияти баланд рисолати касбӣ ва шаҳрвандии худро иҷро намуда, дар раванди рушди устувори ҷомеа ва давлат саҳми арзандаи худро гузоранд.

Дар идомаи суханронӣ зикр гардид, ки ҷавонон ҳамчун неруи созанда ва ояндасози давлат бояд аз имконоти фароҳамгардида самаранок истифода намуда, барои аз худ кардани илму дониш, касбу ҳунар ва малакаҳои муосир пайваста талош намоянд.

– Бинобар ин, ҷавонони азизро даъват менамоям, ки вақтро ғанимат донанд, илму дониш ва касбу ҳунарҳои муосирро аз худ намоянд, забонҳои хориҷӣ, истифодаи технологияҳои замонавӣ ва зеҳни сунъиро дар сатҳи баланд омӯзанд ва худро барои зиндагии шоиста ва ояндаи ободи Тоҷикистон омода созанд, -иброз дошт ректори донишгоҳ.

Зариф Ализода зимни ироаи номаи табрикотӣ аз бар намудани илму донишро барои донишҷӯён вазифаи аввалиндараҷа номида, таъкид кард, ки устодон бояд кӯшиш намоянд, мутахассисони хуб ва ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯро ба камол расонанд. Зимнан, дар робита ба дастгириҳои Пешвои муаззами миллат нисбат ба мактабу маориф ва рушди илму истеҳсолот ибрози андеша намуда, саҳми устодону кормандони донишгоҳро дар самти татбиқи сиёсати маорифпарваронаи Пешвои миллат назаррас арзёбӣ намуд.

Зикр гардид, ки имрӯз ҷомеа аз донишгоҳ на танҳо мутахассиси дорои диплом, балки шахси соҳибмаърифат, ташаббускор, навовар, соҳиби тафаккури илмӣ, масъулияти шаҳрвандӣ ва ҳисси баланди ватандориро интизор аст. Аз ин рӯ, вазифаи ҳар як омӯзгор ва корманди соҳаи илму маориф аз он иборат аст, ки бо истифода аз тамоми имконоти мавҷуда барои тарбияи чунин насл саҳми арзандаи худро гузорад.

Дар интиҳо намояндаи хатмкардаи донишгоҳ – Зоир Насруллозода ба хотири такмили минбаъдаи савияи дониш дафтарчаи имтиҳонӣ ва калиди рамзии донишгоҳро ба намоянда аз донишҷӯёни курси якуми донишгоҳ – донишҷӯйи факултети филологияи тоҷик Мунира Камолова супорид.

Нишаст бо сухани хотимавии хатмкарда Зоир Насруллозода ва таманниёти неки донишҷӯи курси якум Мунира Камолова ба охир расид.

Омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ дар меҳвар

25 августи соли 2026 дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи навбатии назоратии назди вазири маориф ва илм баргузор гардид.

Дар он муовини якуми вазири маориф ва илм Ҳомид Ҳошимзода, муовинони вазири маориф ва илм, сардорони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказӣ, роҳбарони муассисаҳои тобеи вазорат, намояндагони як қатор муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва дигар шахсони масъул иштирок намуданд.

Дар оғоз муовини якуми вазири маориф ва илм аз ғамхориҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба рушди соҳаи маориф ва илм ёдовар шуда, таъкид намуд, ки дастгирии илму маориф, омода намудани кадрҳои баландихтисоси илмӣ ва илмӣ-педагогӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти муҳаққиқони ҷавон аз самтҳои муҳимми сиёсати иҷтимоии давлат ба шумор меравад.

Мутобиқи рӯзномаи ҷаласа масъалаи натиҷаи таҳлили аттестатсияи унвонҷӯён, аспирантон ва докторантон аз рӯйи ихтисос (PhD) дар як қатор муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Доир ба масъалаи баррасишаванда А. Раҳмонзода, сардори раёсати илм ва инноватсияи Вазорати маориф ва илм баромад намуда, оид ба вазъи омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ, тартиби ташкил ва гузаронидани аттестатсияи унвонҷӯён, аспирантон ва докторантон аз рӯйи ихтисос (PhD), иҷрои нақшаҳои инфиродии таълимӣ ва илмӣ, фаъолияти роҳбарони илмӣ ва натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ маълумот пешниҳод намуд.

Зикр гардид, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ заминаи зарурии меъёрӣ ва ташкилӣ фароҳам оварда шуда, қабули аспирантон, унвонҷӯён ва докторантон, тасдиқи мавзуъҳои корҳои диссертатсионӣ ва роҳбарони илмӣ, таҳияи нақшаҳои инфиродии таълимӣ ва илмӣ ва баргузории аттестатсия тибқи тартиби муқарраргардида ба роҳ монда шудааст.

Ҳамзамон, доир ба таҷрибаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар самти дастгирии муҳаққиқон, назорати рафти иҷрои нақшаҳои инфиродӣ, фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ, интишори мақолаҳои илмӣ, омодасозии рисолаҳо ва фаъолияти роҳбарони илмӣ маълумот дода шуд.

Дар рафти муҳокимаҳо масъалаҳои марбут ба баланд бардоштани сифати омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ, тақвияти ҳамоҳангии фаъолияти сохторҳои масъул, беҳтар намудани раванди аттестатсия, дастгирии муҳаққиқони ҷавон, баланд бардоштани масъулияти роҳбарони илмӣ ва таъмини омодагии саривақтии рисолаҳои илмӣ ба ҳимоя мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Дар анҷоми ҷаласа муовини якуми вазири маориф ва илм ба масъулини сохторҳои дахлдор ҷиҳати тақвияти назорат дар ин самт дастуру супоришҳои мушаххас дод.

Маркази матбуоти
Вазорати маориф ва илм

Дар шаҳри Тошканд Форуми тиҷоратии фарматсевтии Ӯзбекистону Тоҷикистон доир шуд.

БА ОЗМУНИ «РУШДИ МАОРИФ ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ»

МАКТАБИ ПРЕЗИДЕНТӢ – ДАСТОВАРДИ ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ

Имсол барои мардуми ватандӯсту хештаншинос, худогоҳ ва саодатманди кишвараамон соли таърихӣ ва пурифтихор ба ҳисоб меравад, зеро ба эълони Истиқлоли давлатӣ, ки 9-уми сентябри соли 1991 ба вуқуъ омада буд, 35 сол пур мешавад. Ин давра дар назди таърих тӯлонӣ набошад ҳам, миллати сулҳпарвару меҳнатдӯст ва қавиродаи тоҷик бо роҳнамоии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба дастовардҳои арзишманди сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ ноил гардиданд. Маҳз сиёсати «дарҳои боз» ва азму иродаи қавии миллати тоҷик роҳи минбаъдаи тараққии давлатдориро муайян намуда, натиҷаҳои хеле назаррас ба бор оварданд.

Истиқлоли давлатӣ ва ваҳдати сартосарӣ ба рушди тамоми бахшу соҳаҳои хоҷагии халқ замина гузошта, роҳи имрӯзу ояндаро таъмин намуд. Яке аз соҳаҳои калидӣ ва муҳим дар сиёсати иҷтимоии Давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи маориф ва илм ба ҳисоб меравад. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди ин соҳаи афзалиятнок, ки асоси пешрафти ҷомеаро ташкил медиҳад, таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудаанд. Чунин таваҷҷуҳи амиқ ба ин соҳаи ҳаётан муҳим имкон фароҳам овард, ки мутахассисони варзида дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ омода гардида, барои пешрафти ҷомеа саҳмгузор бошанд. Борҳо ҳангоми суханронӣ Сарвари давлат қайд намудаанд, ки «Бунёди миллат аз маориф оғоз меёбад». Дар шароити мураккабу печидаи замони муосир зарур аст, ки насли наврасу ҷавони кишварамон аз илмҳои замонавӣ бархӯрдор бошанд, то ҳамеша манфиатҳои милливу давлатиро ҳифз намуда, ҷомеаро ба маҷрои рушд роҳнамоӣ кунанд.

Дар ҳақиқат, рушди давлату давлатдорӣ ва муаррифии шоистаи миллат дар арсаи ҷаҳонӣ аз насли худшиносу худогоҳ, ватандӯсту меҳанпараст ва дорои донишҳои муосир вобастагии амиқ дорад. Ҳамин аст, ки имрӯз ба соҳаҳои маориф ва илм афзалияти бештар дода мешавад то дастовардҳо дар тамоми соҳаҳои хоҷагии мамлакат рушд дошта бошанд. Сулҳу осоиштагӣ ва оромиву осудагӣ боис гардид, ки дар кишвари азизамон соҳаҳои маориф ва илм рушд намуда, муассисаҳои таълимии типпи муосир, аз ҷумла, мактабҳои Президентӣ, литсейу гимназияҳо ва муассисаҳои таълимии хусусӣ бунёд ёбанд, ки дар онҳо раванди таълиму тарбия ва дарсазхудкунӣ бо усулҳои муосир ба роҳ мондаанд. Устодони ин муассиса дар баробари таҷрибаи хеле ғанӣ доштан, аз фанноварихои илму техника ва усулҳои фаъоли таълим ба хубӣ огоҳанд. Ин раванд имкон фароҳам овардааст, ки дастовардҳои устодону хонандагони муассиса сол то сол бештар гардад. Ҳамчунин, устодони муассиса дар чопу интишори китобу дастурҳои илмию методӣ ва мақолаҳои оммавӣ хеле фаъол буда, масоили гуногунро дар нигоштаҳояшон баррасӣ менамоянд. Чунин фаъолияти густурда имкон медиҳад, ки назария ва амалия бо ҳам тавъам гардида, натиҷаҳои нек ба бор ованд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки пешрафти кори таълиму тарбия дар ҳама давру замон аз фаъолияти самарабахши омӯзгор ва ҳамкории волидон бо муассисаҳои таълимӣ вобастагии амиқ дорад. Ҳамин аст, ки солҳои охир ҳамкории волидон бо мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқат дар ноҳияи Кӯшониён беҳтар гардидааст. Волидон пайваста ба муассиса омада, аз вазъи таҳсили фарзандон, ҷойи хобу хӯрок ва дигар масоили кори таълиму тарбия шинос мегарданд.

Қайд намудан зарур аст, ки солҳои охир хонандагони муассиса дар озмуну олимпиадаҳои дохилӣ ва минтақавию байналмилалӣ фаъолона иштирок намуда, соҳиби медалу ҷоизаҳо гашта истодаанд. Танҳо дар давоми ду соли охир 10 нафар хонандаи болаёқати муассиса дар олимпиадаи байналмилалии Брайнаск дар шаҳри Куала-Лампури Шоҳигарии Малайзия иштироки фаъолона намуда, 8 нафарашон ба ишғоли ҷойҳои дуюм, сеюм ва ифтихорӣ миёна 40 давлат мушарраф гардиданд. Ҳамчунин, 8 нафар хонандаи болаёқати муассиса дар олимпиадаи байналмилалии Архимед, ки дар шаҳри Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон баргузор гардид, ба ишғоли ҷойҳои якум, дуюм, сеюм ва ҷойи ифтихорӣ мушарраф гардиданд. Ин хонандагонро омӯзгорони ботаҷриба, аз ҷумла, Файзалӣ Қаюмов, ки машғулиятҳоро бо усулҳои фаъоли таълим мегузаронанд, омода намудаанд. Омӯзгорони ҷавону соҳибтаҷрибаи муассиса дорои донишу малакаи баланди касбӣ буда, машғулиятҳои таълимиро дар сатҳи баланд мегузаронанд. Ҳамчунин, дар муассиса маҳфилҳои илмиву фаннӣ пайваста гузаронида мешаванд, ки ба ин маҳфилҳо низ омӯзгорони варзида роҳбарӣ менамоянд. Чунин маҳфилҳо ва машғулиятҳои иловагӣ имкон фароҳам меоваранд, ки сатҳи омодагии хонандагон барои иштирок дар озмуну чорабиниҳои сатҳи баланди илмию маърифатӣ рақобатпазир бошад.

Дар мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқат дар ноҳияи Кӯшониён барои ҳам омӯзгорону кормандон ва ҳам хонандагон ҷиҳати мутолиаи китобҳои гуногун шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Устодону донишҷӯён дар озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм – фурӯғи маърифат» ва «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» фаъолона иштирок намуда, дар даврҳои гуногун соҳиби ҷойҳои намоён шудаанд. Хонандагони муассиса, аз ҷумла, Нурулло Назаров, Саҷҷод Шокирзода, Орун Авазов дар даври вилоятии озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат» аз номинатсияи физика ва астрономия иштироки фаъолона намуда, ҳамасола ба ишғоли ҷойҳои якум, дуюм ва сеюм мушарраф мегарданд. Ҳамчунин, Аҳмадҷон Баротов дар даври вилоятии озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат» аз номинатсияи ихтироъкорӣ ва навоварӣ иштироки фаъолона намуда, ба гирифтани ҷойи сеюм мушарраф гардид.

Воқеан, Истиқлоли давлатӣ ба пешрафти самтҳои мухталифи соҳаҳои хоҷагии халқ, аз ҷумла, рушди соҳаи маориф ва илм мусоидат намуд. Дастовардҳои арзишманде, ки бо шарофати сулҳи пойдор насиби милати сарбаланди тоҷик гардид, қиёснашавандаанд. Танҳо ба ифтихори 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят зиёда аз 30 ҳазор иншооти таъйиноташон гуногун сохта мавриди истифода қарор гирифтанд, ки ин ҳама пешравиҳо аз сулҳу оромии устувор дар ҷомеа дарак медиҳад. Аз ин рӯ, ҳар фарди худшиносу худогоҳро лозим аст, ки боз ҳам дар атрофи сиёсати созандаву бобарори Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муттаҳид гардида, саҳми худро дар рушди кишвар гузорад.

Илҳомҷон ҚОДИРӢ,
директори мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқат дар ноҳияи Кӯшониён

КАЛИДИ МУВАФФАҚИЯТ

Имрӯз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди соҳаи маориф ва сифати таълиму тарбия таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд, зеро пешрафти ҳар як давлат аз сатҳи дониш ва маърифати шаҳрвандони он вобаста мебошад. Маҳз ба ҳамин хотир, дар сиёсати давлатӣ маориф ва омӯзгор ҳамчун шахси калидӣ дар тарбияи насли наврас эътироф гардидааст.

Ҳукумати мамлакат ба рушди соҳаи маориф диққати махсус дода, дар ин самт корҳои зиёдеро ба сомон расонидааст, аз ҷумла, муассисаҳо ба маводди таълимӣ таъмин мебошанд. Рушди соҳаи маориф дар Тоҷикистон якчанд марҳаларо дар бар мегирад.

Айни замон дар соҳаи маориф ҳашт барномаи давлатӣ ва ду стратегияи дарозмуддат татбиқ шуда истодааст, ки ба рушду инкишофи таълиму тарбия, амалигардонии ислоҳоти соҳа, дастгирии мактабу омӯзгор, таълифи китобҳои дарсии насли нав ва такмили мазмуну мундариҷаи таҳсилот мусоидат менамояд. Ҳамчунин, бо ин мақсад дар соҳа 11 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 4,6 миллиард сомонӣ татбиқ шуда истодааст. Тайи солҳои соҳибистиқлолӣ дар кишвар 3670 муассисаи нави таҳсилоти миёнаи умумӣ, 262 муассисаи томактабӣ ва 35 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ сохта, ба истифода дода шуд. Илова бар ин, дар замони соҳибистиқлолӣ беш аз 117 ҳазор ҷавони боистеъдоди мамлакат барои таҳсил ба донишгоҳҳои бонуфузи 42 кишвари пешрафтаи ҷаҳон фиристода шудаанд.

Дар шароити иқтисодӣ имрӯз таъсири омилҳои беруна ва тағйироти демографӣ рушди таҳсил ва саводнокии хонандагон дар тамоми тӯли ҳаёт ба вазифаи асосии соҳаи маориф табдил меёбад.

Рушди маориф ҳамчун муҳаррики асосии пешрафти ҷомеа ва калиди ояндаи дурахшон дар ҳама давру замон арзиши бузург дорад. Дар ҷаҳони муосир, ки бо суръати бесобиқа тағйир меёбад, нақши маориф боз ҳам муҳимтар мегардад. Пешрафти соҳаи маориф на танҳо ба афзоиши саводнокии аҳолӣ, балки ба рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар мусоидат мекунад.

Некрӯз АКБАРОВ,
мутахассиси Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои назди шуъбаи маорифи ноҳияи Мастчоҳ

ТАТБИҚИ БАРНОМА

Дар шаҳри Истаравшан, ки таърихи чандинҳазорсола ва фарҳанги ғании миллӣ дорад, солҳои охир корҳои созандагию ободонӣ вусъати тоза касб намудаанд. Ба истиқболи 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар гӯшаҳои гуногуни шаҳр иншооти нав бунёд гардида, шукӯҳу шаҳомати ин шаҳри бостониро боз ҳам афзудааст.

Бунёди муассисаҳои таълимӣ дар Истаравшан

Раиси вилояти Суғд Раҷаб Аҳмадзода зимни сафари корӣ ба шаҳри Истаравшан бо рафти корҳои сохтмонӣ дар як қатор муассисаҳои таълимӣ шинос шуда, ба масъулин барои омодагии ҳамаҷониба ба соли нави таҳсил ва фароҳам овардани шароити муносиб барои хонандагон дастуру супоришҳо дод. Зимни боздид аз муассисаҳои таълимӣ ба сифати корҳои сохтмонӣ, омодагӣ ба соли нави таҳсил ва фароҳам овардани муҳити созгор муносиб барои таълиму тарбия таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид.

Яке аз иншооти таълимие, ки дар шаҳри Истаравшан бунёд шуда истодааст, бинои нави муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №54 мебошад. Бинои нави муассиса аз ду ошёна ва 15 синфхона иборат буда, бо саҳми сокинон сохта мешавад. Айни замон қисми зиёди корҳои сохтмонӣ ба анҷом расида, корҳои ороишӣ ва муҷаҳҳазсозии синфхонаҳо идома доранд. Саҳми сокинон дар бунёди чунин иншооти иҷтимоӣ намунаи хуби ҳамкории ҷомеа дар роҳи ободонии маҳал мебошад. Зеро мактаб, пеш аз ҳама, барои фарзандони худи сокинон хидмат мекунад ва беҳтар намудани шароити он маънои фароҳам овардани имконияти бештар барои таълиму тарбияи фарзандони маҳалро дорад.



Дар баробари ин, сохтмони бинои иловагии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №58 низ идома дорад. Бинои нав аз ду ошёна ва таҳхона иборат буда, дорои 9 синфхона, ошхона ва маҷлисгоҳ хоҳад буд. Муассисаи таълимӣ барои фарогирии 540 хонанда дар ду баст пешбинӣ шудааст. Бунёди ин иншоот бо саҳми шахсони саховатпеша ва сокинони маҳаллаи Курушкадаи шаҳри Истаравшан амалӣ шуда истодааст.

Раиси вилояти Суғд Раҷаб Аҳмадзода зимни шиносоӣ бо корҳои сохтмонӣ саҳми сокинон ва шахсони саховатпешаро дар бунёди муассисаҳои иҷтимоӣ муҳим арзёбӣ намуда, таъкид кард, ки чунин иқдомҳои созанда барои беҳтар намудани шароити таълиму тарбия ва рушди соҳаи маориф мусоидат менамоянд.

Бунёди муассисаҳои нави таълимӣ ва иншооти иловагӣ дар шаҳри Истаравшан идомаи сиёсати созандаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъмини рушди соҳаи маориф буда, барои фароҳам овардани шароити муносиб ба насли наврас ва баланд бардоштани сатҳу сифати таълим заминаи устувор мегузорад.

Нуъмон РАҶАБЗОДА,
«Омӯзгор»

Дар шаҳри Москва дар мавзуи саҳми Абуалӣ ибни Сино дар ташаккули соҳаи тиб конференсияи байналмилалӣ баргузор шуд.

Ба посух хирадманд пайдо шавад,
Ба ҳар орзу бар тавоно шавад.
Абулқосими Фирдавсӣ

ШИНОХТ



ОМӮЗГОР – РОҲНАМОВУ ТАРБИЯТГАР

Омӯзгор дар зиндагии ҳар инсон ҷойгоҳи махсус дорад. Ӯ шахсияти созандаест, ки бо дониш, сухан ва рафтори худ дар ташаккули насли наврас саҳми хешро мегузорад. Шогирди имрӯз фардо метавонад олим, муҳандис, табиб, иқтисодчӣ, ҳуқуқшинос, роҳбар ё омӯзгори ягон муассисаи таълимӣ шавад. Дар ҳамаи ин роҳҳо осори меҳнати устодон ҷой дорад. Омӯзгор, пеш аз ҳама, раҳнамои роҳи дониш аст. Ӯ ба шогирд танҳо маълумот намедиҳад, балки тарзи фикр кардан, савол гузоштан, ҷустуҷӯ ва аз дониш ба таври дуруст истифода бурданро меомӯзонад. Донише, ки бо андеша ва масъулият ҳамроҳ нест, наметавонад ба таври пурра самарабахш бошад. Шахсияти омӯзгор дар раванди таълим аҳаммияти бузург дорад. Шогирд аз рафтору муносибати омӯзгор низ сабақ мегирад. Омӯзгори бофарҳанг, ботамкин, адолатпеша ва масъулиятшинос барои шогирдон намунаи зиндаи одоби инсонӣ мегардад. Агар вай ба китоб ва дониш шавқу муҳаббат дошта бошад, эҳтимоли бедор шудани чунин муҳаббат дар дили шогирдон низ бештар мешавад. Қобилияти кӯдакон ва ҷавонон яксон нест. Яке маводи таълимиро зуд аз худ мекунад, дигаре барои фаҳмидани он вақти бештар мехоҳад. Яке фаъолона савол медиҳад, дигаре худро озод ҳис намекунад. Омӯзгори соҳибтафриба ин фарқиятҳоро ба назар гирифта, кӯшиш мекунад, ки қобилияти ҳар як шогирдро ошкор намояд.

Баъзан як ҷумлаи одии омӯзгор метавонад ба ҳаёти инсон таъсири калон расонад. Сухани «Ту метавонӣ!» ё «Ба худат бовар кун!» барои як шогирд метавонад оғози роҳи нави зиндагӣ гардад.

Дар ҷомеаи муосир нақши омӯзгор боз ҳам муҳимтар шудааст. Имрӯз дастрасӣ ба иттилоот хеле осон аст. Интернет ва технологияҳои рақамӣ имконияти бузурги таълимиро фароҳам овардаанд. Аммо зиёд будани иттилоот ҳанӯз маънои зиёд будани донишро надорад. Шогирд бояд донад, ки кадом маълумот дуруст аст, чӣ гуна онро таҳлил кунад ва чӣ гуна дар амал истифода барад. Дар ин масъала омӯзгор ҳамчун роҳнамои дониш ва иттилоот нақши муҳим мебозад. Омӯзгори даврони муосир бояд бо замон ҳамқадам бошад. Ӯ бояд усулҳои нави таълимро омӯзад, аз имконияти технологияҳои нави муосир истифода барад ва дар баробари ин, арзишҳои маънавию инсонӣ ва фарҳангиро ҳифз намояд, зеро технологияи муосир метавонад воситаи таълим бошад, аммо меҳрубонӣ, таҷриба, маслиҳат ва таъсири шахсии омӯзгорро пурра иваз карда наметавонад.

Дар ин замина, сиёсати давлатии Тоҷикистон нисбат ба соҳаи маориф ва мақоми омӯзгор аҳаммияти махсус дорад. Қадами муҳим дар таҳкими мавқеи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии омӯзгор қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор» мебошад. Ин санад ба масъалаҳои мақоми омӯзгор, ҳуқуқу уҳдадориҳои касбӣ, кафолатҳои иҷтимоӣ ва фароҳам овардани шароити муносиб барои фаъолияти омӯзгорӣ равона шудааст. Қабули чунин санади махсус нишон медиҳад, ки нақши омӯзгор дар рушди маориф ва тарбияи насли оянда дар сатҳи давлатӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Мақоми баланди омӯзгор дар ҷомеа ҳамзамон масъулияти баланди ӯро низ тақозо мекунад. Омӯзгор бояд ба эътимоди давлат, волидон ва шогирдон бо фаъолияти босамар ҷавоб диҳад. Ӯ бояд пайваста дониши худро такмил диҳад, аз навгониҳои илмӣ ва педагогӣ истифода барад ва барои беҳтар намудани сифати таълиму тарбия кӯшиш намояд.

Яке аз хусусиятҳои муҳимми касби омӯзгорӣ дар он аст, ки худи омӯзгор низ бояд ҳамеша омӯзанда бошад. Омӯзгоре, ки мехоҳад дар касби худ муваффақ бошад, бояд пайваста ба омӯзиш машғул шавад. Китоб мутолиа кардан, таҷрибаи нав омӯхтан, усулҳои таълимро такмил додан ва аз таҷрибаи ҳамкасбон истифода бурдан бояд қисми ҳаёти касбии ӯ қарор гирад.

Маҳз тавассути меҳнати омӯзгор наслҳои нав ба илм, фарҳанг, касб ва зиндагии мустақил омода мешаванд. Эҳтироми омӯзгор, дар асл, эҳтироми дониш ва маърифат мебошад. Вақте ҷомеа омӯзгорро қадр мекунад, он ба ояндаи худ сармоягузорӣ мекунад, аммо эҳтиром бояд танҳо дар сухан набошад. Он бояд дар муносибати дуруст ба меҳнати омӯзгор, фароҳам овардани шароити муносиб барои фаъолият ва эътирофи нақши ӯ дар ҷомеа ифода ёбад. Ҳамзамон, худи омӯзгор низ бояд барои баланд бардоштани обрӯи касби худ саҳм гузорад. Дониши амиқ, ахлоқи ҳамида, муносибати одилона ба шогирдон, эҳтироми ҳамкорон ва масъулиятшиносӣ обрӯи омӯзгорро баланд мебардоранд. Мақоми касб танҳо бо санадҳои ҳуқуқӣ не, балки бо фаъолияти ҳаррӯзаи намояндагони он таҳким меёбад. Омӯзгор бояд дарк кунад, ки ҳар як дарс имконияти нав барои таъсир расонидан ба тақдири инсон аст. Дар шароити рушди босуръати ҷомеа зарурати тарбияи насли эҷодкор ва соҳибташаббус бештар мегардад. Барои ин омӯзгор бояд ба шогирд имкони андешидани мустақилона, пешниҳод намудани ақида ва ҷустуҷӯи роҳи ҳалли масъалаҳоро фароҳам созад. Илм инсонро донишманд мекунад, аммо ахлоқ ва тарбия ӯро ба самти дуруст раҳнамун месозанд. Аз ин лиҳоз, вазифаи омӯзгор тарбияи инсони ҳамаҷониба рушдёфта мебошад. Имрӯз дар назди омӯзгор вазифаи бузурге қарор дорад: омода намудани насли босавод, соҳибкасб, созанда ва масъулиятшинос.

М. САДРИДДИНОВ,
дотсенти кафедраи математикаи олии ДТТ ба номи академик М. С. Осимӣ, номзади илми физикаю математика

АФКОР

Бо он ки дари сулҳ занад, ҷанг махоҳ!

(ДАР ҲОШИЯИ ҚАБУЛИ ҚАТЪНОМАИ МАҶМАИ УМУМИИ СММ ДАР БОРАИ «ДАҲСОЛАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ОИД БА ТАҲКИМИ СУЛҲ БАРОИ НАСЛҲОИ ОЯНДА, СОЛҲОИ 2027-2036»)



Баҳои баланди сиёсатмадорони сатҳи ҷаҳонӣ ба таҷрибаҳои нодири сулҳофаринии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон далели равшани он аст, ки фарҳанги сулҳи тоҷикон оламгир аст.

Пӯшида нест, ки мо, тоҷикон, аз азал тарафдори сулҳу салоҳ, хостори оромии кулли сайёраем. Фарзанди фарзонаи миллат Қаҳрамони Тоҷикистон, устод Мирзо Турсунзода таъкид карда буданд:

Одамон аз дӯстӣ ёбанд бахт,
Душманӣ орад ба мардум рӯзи сахт.

Ё ҷойи дигар:

Сулҳ бо имзои моён, мардумони фатҳёб,
Менамояд нақшаҳои ҷангҷӯёнро хароб.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари он ки кишвари сулҳхоҳ ва таблиғгари ҳаёти осоишта мебошад, бар замми ин, ташаббускори масъалаҳоест, ки ба кулли ҷомеа иртиботманданд.

Соли 2024 Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи СММ бо изҳори нигаронӣ аз вазъи ҷаҳони муосир, мушкилоти сайёра, махсусан, вусъат ёфтани ҷангҳои мухталифи мазҳабӣ, мафкуравӣ ва инчунин, шиддатнокии яроқнокшавии бошитоб, зарурати таҳкими сулҳ дар тамоми оламро ба таври махсус баён доштанд. Ин гуна низоъҳо дар ҷаҳони муосир ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонад ба нафъи мардуми сайёра бошад, чун доман паҳн кардани зиддиятҳои сиёсӣ, ҷангҳои мухталиф боиси вусъати нооромӣ ва ноамнӣ дар тамоми олам хоҳад гардид. Ба таъкиди Пешвои миллат, ин хатарҳо метавонанд таҳдид ба суботу оромиши наслҳои ояндаи ҳама кишварҳои ҷаҳон бошад. Бо ин мақсад, дар ҷаласаи мазкур аз ҷониби Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод шуда буд, ки Қатъномаи махсуси СММ «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, солҳои 2027-2036» қабул карда шавад. Соли 2025 масъалаи мазкур дар Иҷлосияи навбатии СММ баррасӣ шуд. Қатъномаи СММ «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, солҳои 2027-2036» қабул гардид, ки воқеан, барои тамоми башарият паёми умед маҳсуб меёбад. Зикр кардан бамаврид аст, ки истиқболи самимонаи давлатҳои мухталифи ҷаҳон ва дар умум, ҷомеаи башарӣ аз ин ташаббуси сулҳҷӯёнаи Пешвои миллати мо гувоҳ бар он аст, ки воқеан, сулҳу оромиш ва ваҳдат дар шумули арзишҳое қарор доранд, ки тамоми инсониятро бо ҳам меоварад.

Мо, тоҷикон, ҳамчун миллати ташаббускор дар сафи аввали татбиқи ин барномаи бузурги ҷаҳонӣ қарор мегирем, дар ҳамраъӣ бо мардумони олам барои таъмини сулҳу субот дар сайёра, ваҳдати инсоният ва дар умум, тантанаи якдилӣ дар саросари ҷаҳон талош хоҳем кард. Татбиқи ин қатънома метавонад ҷаҳони муосирро ба сатҳи сифатан нав барорад, ки дар саргаҳу сархати он сулҳ, дӯстии халққо ва ваҳдати инсоният қарор хоҳад дошт.

Ҳотам ҲОМИДЗОДА, «Омӯзгор»

МАШВАРАТИ АВГУСТӢ

Дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №14-и ноҳияи Мастчоҳ машварати августии кормандони соҳаи маориф бо иштироки раиси ноҳия Аъзам Ализода баргузор гардид.

Бо дастгирии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия, соҳибкорон ва сокинони маҳал дар назди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №37-и Ҷамоати деҳоти Оббурдон бунёди чор синфхонаи иловагӣ ба нақша гирифта шуда, корҳои сохтмонӣ дар ин самт идома доранд.

Дар доираи амалигардонии лоиҳаи «Такмили таҳсилоти миёна дар соҳаи илмҳои табиӣ, технологӣ, муҳандисӣ ва математика», сохтмони бинои иловагӣ дар назди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №4-и Ҷамоати деҳоти Мастчоҳ низ корҳои сохтмонӣ оғоз шудаанд.

Тадбирҳои мазкур аз таваҷҷуҳи пайваста ба рушди соҳаи маориф, фароҳамсозии шароити мусоиди таълиму тарбия ва фарогирии бештари кӯдакону наврасон ба муассисаҳои таълимӣ шаҳодат медиҳанд. Идомаи чунин корҳои созандагӣ барои баланд бардоштани сифати таълим, беҳтар намудани муҳити омӯзишӣ ва фароҳам овардани шароити муносиб ба насли наврас заминаи мусоид фароҳам хоҳад овард.

Дар поёни кори машварат ба як зумра омӯзгорон ва собиқадорони соҳаи маориф барои саҳми арзанда гузоштан дар рушди соҳа ва фаъолияти назаррас дар пешрафти таълиму тарбия мукофотҳо тақдим карда шуданд. Аз ҷониби раиси ноҳия ба 48 муассисаи таълимӣ компютерҳои замонавӣ дастрас карда шуд.

Нуъмон РАҶАБЗОДА,
«Омӯзгор»

КОМЁБИҲО АФЗУН МЕШАВАНД

Мудири шуъбаи маориф Қудратбек Сафаров доир ба бурду бохти соҳа дар соли таҳсили 2025-2026 ба таври муфассал ҳисобот дода, афзуд, ки бо дастгириву таваҷҷуҳи Ҳукумати кишвар ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия дар самти баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, мустаҳкам намудани пояи моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ, бунёд ва ба истифода додани муассисаҳои таълимии нав, кӯдакистонҳо, таъмиру навсозии синфхонаҳо ва ҷалби мутахассисони ҷавон корҳои назаррас ба анҷом расонида шуданд.

Бо дастгирии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Мастчоҳ, соҳибкорон ва сокинони маҳалҳо барои беҳтар намудани шароити таълиму тарбия ва фароҳам овардани имкониятҳои иловагӣ барои хонандагон сохтмони як қатор иншооти нави соҳаи маориф идома дорад.

Соҳибкорон ва шахсони хайрхоҳи ҳудуди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №23 тасмим гирифтаанд, ки барои хонандагони муассиса толори варзишии замонавӣ бунёд намоянд. Айни замон корҳои сохтмонӣ дар иншоот идома доранд. Дар назди бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №34 низ аз ҷониби ташкилоти хайриявии «Бунёд» синфхонаҳои иловагӣ сохта шудаанд, ки қарор аст дар арафаи соли таҳсили нав ба истифода дода шавад.

Бо дастгирии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия, соҳибкорон ва сокинони маҳал дар назди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №4-и Ҷамоати деҳоти Мастчоҳ низ корҳои сохтмонӣ оғоз шудаанд.

Тадбирҳои мазкур аз таваҷҷуҳи пайваста ба рушди соҳаи маориф, фароҳамсозии шароити мусоиди таълиму тарбия ва фарогирии бештари кӯдакону наврасон ба муассисаҳои таълимӣ шаҳодат медиҳанд. Идомаи чунин корҳои созандагӣ барои баланд бардоштани сифати таълим, беҳтар намудани муҳити омӯзишӣ ва фароҳам овардани шароити муносиб ба насли наврас заминаи мусоид фароҳам хоҳад овард.

Дар поёни кори машварат ба як зумра омӯзгорон ва собиқадорони соҳаи маориф барои саҳми арзанда гузоштан дар рушди соҳа ва фаъолияти назаррас дар пешрафти таълиму тарбия мукофотҳо тақдим карда шуданд. Аз ҷониби раиси ноҳия ба 48 муассисаи таълимӣ компютерҳои замонавӣ дастрас карда шуд.

Нуъмон РАҶАБЗОДА,
«Омӯзгор»

«Барномаи рушди сайёҳии дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2027–2031» қабул гардид.

ФАЪОЛИЯТ

Таваҷҷуҳи ҷиддӣ ба рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ

(Мусоҳиба бо сардори раёсати таҳсилоти томактабӣ, миёнаи умумӣ ва иловагии Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми кишвар Бой Нодиров)

– Муаллими муҳтарам, нахуст мехостем бифаҳмем, ки вобаста ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» аз ҷониби марказ чӣ корҳо анҷом дода шудаанд?

– Маркази ҷумҳуриявию таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми кишвар ҷиҳати иҷрои бандҳои дахлдори чорабиниҳои вазорат оид ба татбиқи Нақшаи миёнамуҳлати амал барои солҳои 2025-2027-и Стратегияи омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаи маориф ва илм барои давраи то соли 2030 корҳои назаррасеро ба анҷом расонидааст.

Дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ китобҳои насли нав дар доираи лоиҳаи STEM (фанҳои дақиқ ва риёзӣ) таҳия гардида истодааст. Фаъолият дар ин самт бо дарназардошти талаботи муосири рушди илм ва технология, татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим, рақамикунонии соҳаи маориф ва мутобиқ намудани низоми таҳсилот ба стандартҳои байналмилалӣ амалӣ карда мешавад. Дар доираи ислоҳоти мазмуни таҳсилот, марказ дар таҳия, такмил ва ташхиси лоиҳаҳои стандартҳои давлатии таҳсилот, барномаю нақшаҳои таълимӣ аз фанҳои риёзӣ, физика, химия, биология, технологияҳои иттилоотӣ ва дигар фанҳои дақиқу табиӣ фаъолона иштирок менамояд. Бо мақсади такмили таъминоти таълимию методӣ, аз ҷониби кормандони марказ як силсила дастуру тавсияҳо ва маводи ёрирасони таълимӣ таҳия ва барои истифода пешниҳод шудаанд. Аз ҷумла, дастури методии «Истифодаи лабораторияи визуалӣ аз фанни химия» бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таҳия гардида, барои истифода дар муассисаҳои таълимӣ пешниҳод шудааст. Ҳамчунин, дастурҳои методии «Масъалаҳои олимпиадаи математикӣ», «Намунаи ҳалли масъалаҳои олимпӣ барои синфҳои 5-9 аз фанни математика» ва «Намунаи ҳалли масъалаҳои матнӣ ва мантиқӣ барои синфҳои 4 аз фанни математика» омода ва барои чоп пешниҳод гардидаанд.

Марказ дар ҳамкорӣ бо Маркази ҷумҳуриявии таҳлил, иттилоот ва технологияҳо рақамӣ низ ҷиҳати дастрасии бештар ба захираҳои омӯзишӣ ва мутобиқ намудани низоми маориф ба талаботи ҷаҳон корҳои назаррасеро ба анҷом расондааст.

Ҷиҳати татбиқи барномаҳои давлатӣ оид ба рақамикунонии соҳаи маориф ва ворид намудани технологияҳои рақамӣ дар раванди таълим, платформаҳои таълимии электронӣ барои таълими фосилавӣ ва захираҳои рақамӣ (дарсҳои электронӣ, китобҳои рақамӣ) таҳия шудааст. Дар таҳия ва ба роҳ мондани платформаҳои таълимӣ, ҳарчанд ҳанӯз вуҷуд дошта бошад ҳам, қадамҳои аввал дар самти таҳсилоти онлайнӣ ва рақамӣ гузошта шудаанд. Барои омӯзгорон ҷиҳати истифодаи самараноки технологияҳои муосири таълимӣ ва пайгирии самаранокии истифодаи технологияҳо дар раванди таълим мунтазам семинарҳои омӯзишӣ ва кумакҳои методӣ ташкил карда шуда истодааст. Барномаҳои таълимӣ бо дарназардошти истифодаи ТИК навсозӣ гардида, усулҳои интерактивӣ ва донишомӯзии фаъол ворид карда шудааст.

Марказ вобаста ба истифодаи технологияи нав, бахусус, тавассути он ба роҳ мондани истифодаи зеҳни сунъӣ ва рақамикунонӣ ва бо мақсади таъмини дастрасии васеи омӯзгорон ба захираҳои таълимию методӣ, сомонаи расмии марказ – «omuzgor.tj» ва шабакаи иҷтимоии Telegram таҳти унвони «Дастгирии методии омӯзгорон» -ро ташкил намуда, миқдори зиёди мавод, аз ҷумла, зиёда аз 7 ҳазор маводи таълимию методӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, барномаҳои таълимии фаннӣ, дастурҳо, роҳнамоҳо, семинарҳо, таҷрибаи пешқадами педагогӣ ва маводи арзёбии сифати таҳсилот ворид ва дастрас гардонидааст. Ин муносибат имкон медиҳад, ки омӯзгорон, новобаста аз макони фаъолият, ба манбаъҳои муосири таълимӣ дастрасии доимӣ дошта бошанд.

– Коркарди асосҳои методӣ ва арзёбии салоҳияти хонандагон, омодасозии маводи таълимӣ аз фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ, ки ҷанбаҳои лоиҳавӣ-технологиро дар мебошанд ва таҳияи замимаву дастурҳо чӣ тавр сурат мегирад?

– Дар ин масъала аз ҷониби кормандони марказ дастурҳои методии арзёбии ташаккулдиҳанда дар дарсҳои биологияи синфҳои 5-11, географияи синфҳои 6-11, математикаи синфҳои 5-11, физикаи 7-11, химияи синфҳои 8-11, математикаи синфҳои 2-4 баҳри дар амал татбиқ намудани арзёбиҳо дар низоми баҳогузории 10-хола таҳия ва чоп гардиданд. Ҳамчунин, марказ дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд маҷмуи воситаҳои арзёбии ҷамъбастии дохилии мактабиро барои фанни метематикаи синфи 5 таҳия намуда истодааст. Дар нақша ворид карда шудааст, ки вобаста ба ҷорӣ намудани методҳои муосир, аз ҷумла, таҳлили масъалаҳо, лоиҳаҳои амалии хонандагон ва омӯзиши интерактивӣ, мураттаб кардани нақшаҳои дарсӣ бо дарназардошти сатҳи қобилият ва талаботи миллӣ, таҳияи тестҳо барои муайян кардани дараҷаи дониши хонандагон, назорат ва баҳогузорӣ бо истифодаи воситаҳои электронӣ ва усулҳои интерактивӣ, таҳияи маводи методӣ ва тавсияҳо ҷиҳати такмили сатҳи дониши хонандагон ва барои омӯзгорон дастури методии «Асосҳои методӣ ва арзёбии салоҳияти хонандагон дар самти фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ» коркард ва таҳия карда мешавад.

Ҳамчунин, аз ҷониби марказ дар ҳамкорӣ бо омӯзгорони соҳибтаҷриба ва соҳибихтисоси муассисаҳои таълимии кишвар 22 дастури методӣ, 16 номгӯй дастур ва васоити таълимӣ, 7 номгӯй маҷмуи масъалаҳо таҳия гардида, дар сомонаи телеграм-канали «Дастгирии методии омӯзгор» ҷойгир карда шуд. Доир ба масъалаи омодасозии маводи таълимӣ аз фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар семинар-машваратҳои методӣ бо омӯзгорон, таҳия ва пешниҳоди маводи таълимии дорои ҷанбаҳои лоиҳавӣ-технологӣ, роҳҳои истифодаи усулҳои фаъоли таълим, корҳои амалӣ, лоиҳаҳои хурди таълимӣ ва технологияҳои иттилоотӣ, мубодилаи таҷрибаи пешқадам байни омӯзгорон мавриди баррасӣ қарор дода мешавад, ки барои баланд бардоштани сатҳи касбии омӯзгорон, беҳтар намудани сифати таълим ва самаранок истифода кардани усулҳои муосири таълим мусоидат менамояд.

– «Барномаи таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021-2025» то чӣ дарача татбиқи амалии худро ёфтааст?

– Ҷиҳати иҷрои барномаи мазкур, тибқи маълумоти раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 159 кабинети фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ харидорӣ гардидааст. Боиси зикр аст, ки мутобиқи талаботи замимаҳои (1, 2, 3, 4 ва 5) Барномаи таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳаз барои солҳои 2021-2025 шаҳри Душанбе 93 кабинет, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 33 адад, вилоятҳои Суғд 641 адад, Хатлон 614 адад ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 188 адад таъмин шудааст. Мутаассифона, бо сабаби ҷудо нагардидани маблағҳои зарурӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо, инчунин, набудани маблағҳои зарурӣ дар суратҳисоби муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ иҷрои нақшаи таъмини кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ аз сатҳи ҷумҳурӣ паст мебошад. Такмили таҷҳизонидани кабинетҳои фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ барои баланд бардоштани сифати таълим ва омодасозии хонандагон ба таҳсилоти муосир зарур аст. Бо ин мақсад Вазорати маориф ва илм 400 маҷмуи таҷҳизоти озмоишӣ аз фанҳои физика ва 200 таҷҳизоти озмоишӣ аз фанҳои химияро харидорӣ намуда, дастраси муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ гардонид. Вазорати маориф ва илми кишвар бо мақсади баланд бардоштани сатҳи касбии омӯзгорон, истифодаи самараноки воситаҳои таълимӣ ва таъмини сифати баланди таълим, ташкили семинар-машваратҳо оид ба таҷҳизонидани кабинетҳои фанниро аз самтҳои муҳим мешуморад. Кабинетҳои фаннӣ ҳамчун заминаи асосии баргузории дарсҳои амалӣ ва назариявӣ бояд мутобиқ ба талаботи стандартҳои давлатии таҳсилот, меъёрҳои санитарӣ-гигиенӣ ва қоидаҳои техникаи бехатарӣ муҷаҳҳаз гардонида шавад.

Мусоҳиб
Шодӣ РАҶАБЗОД,
«Омӯзгор»

БОЗОМӮЗӢ

Дар фаъолияти Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар самти муосиркунонии низоми такмили ихтисоси омӯзгорону кормандони соҳаи маориф дар ду соли охир тағйироти назаррас рӯйи кор омад.



Низоми модулӣ ва муосиркунонии такмили ихтисос

Солҳои тӯлонӣ муҳлати аз курсҳои такмили ихтисос гузаштани кормандони соҳаи маориф дар 5 сол як маротиба буд, аммо бо дастуру супоришҳои Пешвои миллат, соли 2025 донишкада тавонист бо ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии-ҳуқуқӣ ин муҳлатро аз 5 ба 3 сол иваз намояд.

Соли 2026 бори нахуст ташкили курсҳои бозомӯзии омӯзгорону кормандони соҳаи маориф дар заминаи таҳсилоти олии касбӣ барои гирифтани ихтисоси нав роҳандозӣ гардиданд. Бо мақсади андешидани тадбирҳои доимӣ дар самти бозомӯзии касбии омӯзгорон ва дар се сол як маротиба аз даврaҳои такмили ихтисос гузаронидани онҳо, донишкада ва филиалҳои он пешбурди фаъолияти таълимиро шуруъ аз 10 августи соли ҷорӣ пурра аз рӯйи низоми модулӣ ба роҳ монданд.

Ин ислоҳот падидаи нав буда, такони ҷиддӣ ба фаъолияти минбаъдаи омӯзгорони кишвар бахшид ва бо мақсади муосиркунонии низоми такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маорифи мамлакат равона гардид.

Низоми модулии таълим дар даврaҳои омӯзишӣ аз рӯйи маҷмуи маводи таълимӣ, ки аз барномаи таълимии даври такмили ихтисос, роҳнамо барои омӯзгор (тренер), модулҳои таълимӣ (ҳар модул аз рӯйи мундариҷаи барномаи таълимии давр омода карда шудааст), маводи тақсимотӣ (вобаста ба ҳар мавзуъ ва модулҳо омодагардида), рӯнамо (презентатсия)-и омӯзгор ва маводи арзёбӣ иборат аст, таҳия гардидааст.

Таълими модулӣ таҷрибаи нав мебошад, аз ин рӯ, тамоми фикру пешниҳоде, ки аз ҷониби шунавандагони машғулият ва омӯзгорон-тренерон оид ба мазмун ва тартиби баргузории онҳо баён мегарданд, мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода мешаванд.

Ҷиҳати гузаштан ба шакли модулии таълим дар даврҳои такмили ихтисос таҷрибаи 9 муассисаи такмили ихтисоси хориҷи мамлакат давоми ду сол мавриди омӯзиш қарор гирифта, маҷмуи маводи таълим бо дарназардошти ҳадафҳои Стратегияи рушди маориф барои давраи то соли 2030 аз ҷониби омӯзгорону тренерони донишкада таҳия гардид.

Дар доираи ин ислоҳот аз курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ гузаштани кормандон ва омӯзгорони соҳа торафт аҳаммияти бештарро касб менамояд ва донишкада дар низоми сесолаи такмили ихтисос тавонист дар якуним соли фаъолият 50,1% омӯзгорон ва кормандони соҳаи маорифи кишварро аз курсҳои баландбардории маҳорати касбӣ гузаронад.

Ҳамзамон, бо дарназардошти таҷрибаи муосир, тасмим гирифта шудааст, ки бо истифодаи технологияҳои муосир дар раванди таълим, хусусан, истифодаи зеҳни сунъӣ ва ташкили курсҳои омӯзишӣ дар платформаҳои рақамӣ, фаъолиятҳо ҷиҳати ташкили шаклҳои фосилавӣ ва омехтаи курсҳои такмили ихтисос ба роҳ монда шуда, аз моҳи январи соли 2027 мавриди озмоиш қарор мегиранд. Роҳандозии фаъолиятҳои мазкур татбиқи равишҳои нави такмили ихтисосро ба миён оварда, имкон фароҳам месозад, ки омӯзгорон аз ҷойи кор берун нарафта, дар омӯзишҳо ширкат варзида, фаъолиятҳои амалиро дар синфхона татбиқ намоянд.

Ҳамзамон, онҳо имкон доранд, аз тарафи роҳбаладон ба таври ҳузурӣ ва фосилавӣ кумаку дастгирӣ ёфта, мушкилоту норасоиҳоро дар татбиқи навгониҳо бартараф созанд. Ин иқдом собит месозад, ки ислоҳоти соҳаи такмили ихтисос ба марҳалаи нави рушд ворид гардидааст.

Соли ҷорӣ панҷ озмоишгоҳи наву замонавӣ дар доираи STEM (вертуалӣ) барои баргузории машғулиятҳои амалии омӯзгорони фанҳои физика, химия ва биология дар донишкада ва филиалҳои он бо тамоми таҷҳизоти замонавӣ мавриди истифода қарор гирифт.

Наврӯз МИРЗОЗОДА,
ректори Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф

Дар шаҳри Душанбе таҳти унвони «Тоҷикистон ва 35 соли соҳибистиқлолӣ: таҷрибаи сулҳофарӣ, сиёсати бисёрсамта ва рушди устувор» конфренсия баргузор шуд.

Бипурс ҳар чи надонӣ, ки зилли пурсидан
Далели роҳи ту бошад ба иззи доноӣ!
Саъдии Шерозӣ

СИМО

ОЛИМИ ПУРКОР ВА ХАЙРХОҲУ МЕҲРУБОН



Роҳи илм шебу фароз ва мушкилоту мураккабиҳои зиёд дорад. Дар ин ҷода нафаре муваффақ мегардад, ки пеш аз ҳама, омӯзиш ва доништу ҷаҳонбинии васеъ дошта бошад. Дар ин радиф доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Раҷаб Раҷабов дар таҳкими ҳамкорӣ бо марказҳои илмии кишварҳои ИДМ, Аврупо ва Амрико, тарбияи мутахассисон дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, аз ҷумла, дар соҳаи гумрук саҳми назаррас дорад.

Р. Раҷабов ҳамчун олим ва муҳаққиқ фаъолияти босамари илмию педагогӣ дорад. Мавсуф баҳри иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба илму маориф як қатор корҳои назаррасро ба ҳайси мудири кафедра, декани факултет, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон буданаш ба анҷом расонид.

Устоди соҳибтаҷриба дар давоми фаъолияти илмию педагогии хеш дар донишгоҳ барнома ва нақшаҳои мушаххаси беҳтар намудани сатҳу сифати таълим, тарбия ва корҳои илмӣ, мустаҳкам намудани пойгоҳи моддию техникии донишгоҳро таҳия ва тарҳрезӣ кард. Дар ин самт, дар муассиса пайваста падидаҳои тоза ба тоза рӯйи кор омаданд. Дар донишгоҳ бо иқдом ва кӯшишу ғайрати Р. Раҷабов шурои диссертатсионӣ тобеъ бар Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия дар назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ташкил гардид.

Боиси тазаккур аст, ки устод ҳамчун олими иқтисодшинос маъруфу маълум буда, тарбияткунандаи олимони ҷавон на танҳо дар ҳудуди Тоҷикистон, балки берун аз он ҳам мебошад. Дар ҳақиқат, таълифот ва нашри асарҳои зиёди илмӣ, фаъолияти созандагӣ дар мактабҳои олӣ, шогирдони бисёри устод Р. Раҷабов, ӯро на танҳо дар байни кормандони соҳаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки берун аз он машҳур гардонидааст.

Дар ин асри пуравҷи илмию техникӣ дар пешорӯи фарди бонангу номуси ҷомеа вазифаҳои нав ба нав ва масъулияти басо бузургро гузошта, инъикоси симои миллӣ, дар робита бо арзишҳои волои фарҳангию ачдодӣ дар бархурди равандҳои ҷаҳонишавӣ аҳаммияти рӯзафзун пайдо мекунад, зеро дар рушди ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд илму фарҳанг ва маориф дунёи маънавии инсонро ташаккул медиҳанд.

Р. Раҷабов аз зумраи устодоне ҳастанд, ки дар баробари саҳм гузоштан дар рушди илми муосири иқтисодии тоҷик мактаби илмиеро таъсис дода, шогирдони зиёде аз он сабақ омӯхтаву рисолати худро дар назди ҷомеа сарбаландона иҷро мекунанд. Аз ин лиҳоз, имрӯз ҳар як олими соҳаи иқтисоди кишвари азизамон, устод Р. Раҷабовро чун олими варзида, инсони хоксору баркамол ва ҳаматарафа ташаккулёфта медонанд ва мешиносанд, зеро ин марди фозил бо заҳматҳою кӯшишҳои илмии худ ба баҳои баланд ва арзанда сазовор шудааст.

Яке аз як хислати хуби устод дар он аст, ки вай ба унвончӯён, аспирантон ва умуман, шахсоне, ки дар рушду пешрафти илм саҳмгузор ҳастанд, ҳисси баланди ғамхориву меҳрубонӣ дорад. Устод ҳамеша кӯшиш менамояд, ки унвончӯёну шогирдонро дар ҷодаи илм дастгирӣ намояд. Чунин хислатҳои неки инсонӣ ба устод имкон додааст, ки дар ҳама гӯшаю канори Тоҷикистон, аз ҷумла, дар кулли макотиби олии кишвар, муҳаққиқоне, ки бевосита таҳти роҳбарии мавсуф рисолаҳои номзадӣ дифоъ намудаанд, ифтихор доранд, ки шогирди ин устоди бениҳоят кордону соҳибтаҷриба ҳастанд.

Ӯ дар ҷараёни омода намудани рисолаҳои номзадӣ, докторӣ ва кадрҳои илмию педагогӣ доимо кӯшиш менамояд, ки ба ҷавонон роҳи дурустро нишон диҳад ва дар ҳалли масъалаҳои онҳо кумак расонад. Ҳамзамон, устод ҳар сол дар конференсияҳои байналхалқӣ фаъолона ширкат меварзад. Дар кори конференсияҳо бо маърӯзаҳои илмии пурмазмун баромад менамояд, ки аз ҷониби олимони рус ва хориҷӣ баҳои баланд гирифтааст.

Саҳми Раҷаб Раҷабов дар густариши равобити илмии олимони донишгоҳҳои Тоҷикистон, Россия, дигар давлатҳои ИДМ ва Лаҳистон хеле назаррас аст. Хислати дигар ва беҳтарини устод дар он аст, ки санаҳои зодрӯзи шогирдон, дӯстон ва шахсони наздики худро ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунад.


Агар ба фаъолияти эҷодии Раҷаб Раҷабов назар намоем, пурсамару сермаҳсул аст. Ин марди соҳибилм ба ҳама гуна масъалаҳои ҳалталаби иқтисодиёти миллӣ баҳои холисона дода, қобилияти беҳамтои таҳлилгарӣ дорад.

Ба устод Раҷаб Раҷабов умри бардавом, саломативу рӯзгори обод, шодмонию шодкомӣ, пирӯзию бардамӣ ва тамоми хушиҳои зиндагиро таманно мекунем.

Саидаҳмад ЗУБАЙДОВ,
Мунаввар САИДОВА,
Турақул РИЗОҚУЛОВ,
докторони илмҳои иқтисодӣ, профессорон

Умре дар хидмати илму маориф

Дар ҷомеаи мо омӯзгороне ҳастанд, ки ҳастии хешро ба таълиму тарбияи насли наврас, таҳқиқу омӯзиш ва таълифи китобҳо бахшидаанд. Ҳар лаҳзаи фаъолияти чунин шахсони фидоӣ ба пешрафти илму маориф ва баланд гардидани сатҳу сифати таълим таъсири файзбахш мерасонад. Яке аз чунин омӯзгорони соҳибтаҷриба, номзади илмҳои педагогӣ, профессори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Мамадҷон Маҳкамов мебошад.



Мавсуф солҳост, ки бо нашрияи «Омӯзгор» ҳамкорӣ дошта, навиштаҳояш доир ба усулҳои таълими математика пайваста ба табъ мерасанд. Ӯ гоҳ-гоҳ ба идораи нашрия меояд ва бо дастовез – мақола ё китобҳои нав.

Чанд сол аст, ки дар нашрияи «Омӯзгор» саҳифаи махсус зери сарлавҳаи «Ҳалли масъалаҳои олимпиада» ба нашр мерасад. Дар ин саҳифа навиштаҳои устод М. Маҳкамов ҷой дода мешаванд, ки дорои муҳтавои ҷолибу омӯзандаанд. Масъалаҳои мазкур барои омӯзгорону хонандагон аҳаммияти махсус дошта, ба рушди тафаккури мантиқӣ ва тақвияти донишҳои математикӣ мусоидат мекунанд. Саҳифаи мазкур аз ҷониби омӯзгорон хуш пазируфта шуда, дар дарсҳои математика, маҳфилҳои фаннӣ ва машғулиятҳои беруназсинфӣ истифода мешаванд.

Бо эълон гардидани «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (солҳои 2020-2040) таваҷҷуҳ ба омӯзиши фанҳои бунёдӣ бештар гардид. Вобаста ба ин, дар саҳифаҳои нашрияи «Омӯзгор» низ инъикоси масъалаҳои марбут ба фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ вусъат ёфт. Ба андешаи Мамадҷон Маҳкамов, ташаббуси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти вусъат бахшидан ба омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ иқдоми муҳим буда, таваҷҷуҳи ҷомеаро ба фанҳои бунёдӣ бештар намуда, омӯзгоронро водор месозад, ки ба таълиму тарбияи хонандагон бо масъулияти бештар муносибат кунанд. Пешрафти иқтисодиву иҷтимоии мамлакат ба рушди илм ва омода намудани мутахассисони соҳибкасб робитаи ногусастанӣ дорад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки омӯзгорон аз технологияҳои муосир, усулҳои фаъоли таълим ва роҳҳои гуногуни шавқовар дар раванди дарсҳо самаранок истифода баранд. Заминаи таваҷҷуҳи хонандагон ба фанҳои бунёдӣ бояд ҳанӯз дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ гузошта шавад, зеро дар ҳамин сурат хонандагон ба омӯзиши фанҳо бо шавқу рағбати бештар машғул мегарданд. Маҳз тавассути рушди фанҳои ҳаётан муҳим метавонем дар татбиқи ҳадафи чоруми стратегӣ – саноатикунонии босуръати кишвар саҳми арзанда гузорем. Имрӯз дар мамлакат бунёди корхонаҳои саноатӣ босуръат идома дошта, талабот ба мутахассисони варзидаи соҳаҳои техникӣ ва фанҳои дақиқ торафт меафзояд.

Баргузории Озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат» низ қадами устувор дар роҳи дарёфт ва дастгирии хонандагону донишҷӯёни боистеъдод мебошад. Ин озмун тавонист таваҷҷуҳи аҳли ҷомеа, махсусан, хонандагону донишҷӯёнро ба омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ бештар намуда, барои вусъат ёфтани ихтироъкориву навоварӣ, татбиқи дастовардҳои илмӣ дар истеҳсолот ва рушди иқтисоди миллӣ заминаи мусоид фароҳам оварад.

Мамадҷон Маҳкамов муҳаққиқ ва устоди сермаҳсулест, ки пайваста доир ба омӯзишу таълими фанни математика китобу дастурҳои методӣ таълиф менамояд. Ин таълифот барои такмили дониши хонандагон, донишҷӯён ва омӯзгорони ҷавон аҳаммияти зиёд доранд.

Устод ҳар гоҳе ки ба идораи нашрияояд, китобҳои тозанашри худро тақдим менамояд. Китобхонаи шахсии ӯ низ бисёр ғанӣ ва пурмуҳтаво аст. Ҳангоми ворид шудан ба ҳуҷраи кориаш кас худро дар фазои илму маърифат эҳсос мекунад. Рафҳои пур аз китоб, асарҳои марбут ба математика ва маводи тозаи рӯйи мизи корӣ аз ҷустуҷӯю омӯзиши пайвастаи устод ҳикоят мекунанд.

Мавсуф пайваста ба мутолиа, таҳқиқ ва таълифи мақолаву китобҳо машғул шуда, ҳар як мисолу масъаларо борҳо месанҷад, то иштибоҳе роҳ наёбад. Баъзан ҷустуҷӯи роҳи дурусти ҳалли як масъала соатҳо ва ҳатто рӯзҳо идома меёбад. Ин заҳмати пайваста нишонаи масъулиятшиносӣ ва муҳаббати амиқи устод ба илму омӯзгорӣ мебошад.

Бо рушди технологияҳои муосир илми математика ва усулҳои таълими он низ такмил меёбанд. Ин раванд аз омӯзгор омӯзиши бардавом, навҷӯӣ ва истифодаи воситаҳои нави таълимро тақозо мекунад. Устод ин заруратро хуб дарк намуда, аз имконоти технологияҳои муосир самаранок истифода мекунад. Дарсҳои М. Маҳкамов низ ҷолибу пурмуҳтаво баргузор мешаванд. Ӯ мекӯшад, ки донишҷӯён аз ҳар як машғулият маълумоти тоза ба даст оранд, мустақилона андеша намоянд ва бо шавқу рағбат ба омӯзиши математика машғул шаванд, бо ҷустуҷӯ, таҳқиқ ва навоварӣ ба дастовардҳо ноил гарданд.

Устод шахси хоксор, меҳрубон ва фидоии касби худ буда, бо ҳамкорону шогирдон муносибати самимона дорад, суҳбатҳояш ҷозибу ибратомӯзанд. Ба ҳар нафаре, ки барои маслиҳат ё кумак мурочиат менамояд, дасти ёрӣ дароз мекунад.

М. Маҳкамов барои хидматҳояш бо ҷоизаву мукофотҳои гуногун қадрдонӣ шудааст. Бо вуҷуди ин, ӯ беҳтарин подоши заҳмати худро дар муваффақияти шогирдон мебинад. Ҳар гоҳ шогирдонашро дар ҷодаи таълиму тарбия, таҳқиқу омӯзиш ва фаъолияти илмӣ муваффақ мебинад, ӯро эҳсоси ифтихор фаро мегирад. Воқеан, рисолати асосии омӯзгор тарбия намудани инсони соҳибмаърифат ва мутахассиси варзида мебошад.

Устод нақшаҳои зиёди эҷодӣ дошта, ҳамоно ба таълифи китобу дастурҳои нав машғул аст ва мекӯшад дар баланд бардоштани сатҳу сифати таълими математика саҳми бештар гузорад. Бовар дорем, ки китобҳои нави устод шавқу рағбати хонандагону донишҷӯёнро ба омӯзиши фанҳои дақиқ афзун намуда, барои такмили маҳорати касбии омӯзгорон низ мусоидат хоҳанд кард.

Ба устод Мамадҷон Маҳкамов саломатии бардавом ва дар фаъолияти таълимию тарбиявӣ, таҳқиқу омӯзиш ва таълифи китобҳои нав комёбиҳои бештар таманно менамоем.

Насриддин ОХУНЗОДА,
«Омӯзгор»

Дар доираи омодагӣ ба ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар вилояти Суғд 12 ҳазор иншооти таъйиноташон гуногун навсозӣ, таъмир ва бунёд шуданд.

КИТОБИЁТ

ОИНАИ РУШДИ МАОРИФ

Ба истиқболи 35-солагии Истиқлолии давлатӣ китоби Раҳим Саидзода, Ҳомид Ҳошимзода, Аҳмадҷон Раҳмонзода ва Эҳсон Сафарзода таҳти унвони «Рушди маориф дар даврони Истиқлолии давлатӣ» (Душанбе: «Меҳроҷ-граф», 2026. – 240 с.) ба нашр расид. Дар он паҳлуҳо ва самтҳои асосии рушди маориф дар замони Истиқлолии давлатӣ ба таври фарогир таҳлилу арзёбӣ шудаанд. Дар китоб самтҳо ва хусусиятҳои рушди маориф, ки яке аз соҳаҳои афзалиятнок ва меҳварии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардидааст, мавриди баррасӣ, таҳлил ва тавзеҳ қарор гирифтаанд. Муаллифон барои асоснок намудани андешаҳои худ аз далелу арқоми боэътимод ва воқеӣ фаровон истифода кардаанд. Муҳтавои китоб собит менамояд, ки соҳаи маориф дар давоми 35 соли Истиқлолии давлатӣ ба таври бесобиқа рушд карда, ба комёбиҳои шоиста ноил гардидааст. Пешрафти соҳа натиҷаи татбиқи сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва тадбирҳои пайвастаи Ҳукумати мамлакат мебошад.

Китоб аз муқаддима, ду бахш ва хулоса иборат аст. Дар муқаддима оид ба рушди маориф дар замони соҳибистиқлолӣ ба таври мухтасар маълумот дода шуда, ташаббусҳои Пешвои миллат ва дастгириҳои пайвастаи Ҳукумати мамлакат дар самти пешрафти соҳа таъкид гардида, марҳалаҳо ва самтҳои асосии рушди маорифи кишвар баён шудаанд.



Дар бахши аввали китоб масъалаҳои маблағгузории соҳаи маориф, рушди таҳсилоти томактабӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ ва таҳсилоти олии касбӣ, рушди илму инноватсия, таъмини муассисаҳои таълимӣ бо китобҳои дарсӣ, адабиёти бадеӣ ва маводи илмию методӣ, сохтмону азнавсозии муассисаҳои таълимӣ ва густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи маориф ва илм таҳлилу арзёбӣ гардидаанд. Муаллифон бо овардани далелу арқоми мушаххас рушди марҳала ба марҳалаи самтҳои мазкурро нишон додаанд. Чунин тарзи баррасӣ имкон фароҳам овардааст, ки аз як тараф, аҳаммияти ин соҳаҳо дар ҷомеаи муосир муайян карда шавад, аз ҷониби дигар, тавассути таҳлили далоилу арқом марҳалаҳои пешрафти онҳо ба хонанда пешниҳод гарданд.

Бахши дуюми китоб ба нақши муассисаҳои тобеи Вазорати маориф ва илм дар таҳкими Истиқлолии давлатӣ бахшида шудааст. Дар ин бахш фаъолияти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ, Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ, Маркази ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, Маркази ҷумҳуриявии дарёфт ва рушди истеъдодҳо, Маркази ҷумҳуриявии таҳлил, иттилоот ва технологияҳои рақамӣ, Маркази таълимии занон «Сарвар», Муассисаи нашриявии «Маориф», Муассисаи давлатии таҳсилоти миёнаи умумии ғоибона, Маркази матбуот ва нашрияҳои соҳавӣ баррасӣ шудаанд. Дар ин бахш муаллифон бо истифода аз далелу арқоми мушаххас рушди муассисаҳои тобеи вазоратро дар замони соҳибистиқлолӣ нишон дода, нақши онҳоро дар таҳкими Истиқлолии давлатӣ ва баланд бардоштани сатҳи маърифати ҷомеа муайян кардаанд.

Дар китоб роҳи тайкардаи соҳаи маориф дар даврони соҳибистиқлолӣ, баланд гардидани сатҳу сифати таълим, мутобиқсозии низоми таҳсилот ба меъёрҳои байналмилалӣ, дастовардҳои хонандагону донишҷӯён дар озмуну олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, такмили сифати китобҳои дарсӣ, вусъат ёфтани корҳои бунёдкорӣ, такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, баланд гардидани мақому манзалати омӯзгор, фароҳам овардани шароити мусоиди кору фаъолият барои аҳли маориф, рушди таҳсилоти фосилавӣ ва рақамикунонии соҳа мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллифон бо такя ба маълумоти оморӣ, моҳияти дигаргуниҳо, заминаҳои пешрафт ва таъсири онҳоро ба рушди ҷомеа шарҳу тавзеҳ бахшидаанд.

Воқеан, китоби «Рушди маориф дар даврони Истиқлолии давлатӣ» армуғони арзанда ба ҷашни бузурги миллӣ – 35-солагии Истиқлолии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Он роҳи тайкардаи соҳаи маориф, марҳалаҳои ташаккулу пешрафт ва муҳимтарин дастовардҳои онро дар давоми 35 соли соҳибистиқлолӣ инъикос менамояд. Китоб барои мутахассисони соҳаи маориф, омӯзгорону муҳаққиқон, донишҷӯён ва доираи васеи хонандагон судманд мебошад.

Н. ОХУНЗОДА,
«Омӯзгор»

ЧАШМАНДОЗ



МАОРИФИ ҶАҲОН

МАЛДИВ

Дар Малдив ба рушди таҳсилоти фарогир диққати махсус дода мешавад. Дар Вазорати маориф шуъбаи махсуси таҳсилоти фарогир фаъолият мекунад. Ҳадафи он фароҳам овардани имконияти таҳсил барои кӯдакони дорои имконоти махсус аст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар моҳи феврали соли 2026 40 нафар омӯзгори таҳсилоти махсус дар барномаи омӯзишӣ иштирок карданд. Дар ин барнома усулҳои кор бо кӯдакони дорои аутизм ва дигар навъи бемориҳо, ҳамчунин, тарзи ҳамкорӣ бо волидон ва мутахассисон омӯзонида шуданд. Ин тадбирҳо нишон медиҳанд, ки Малдив барои фароҳам овардани муҳити баробари таълим барои ҳамаи кӯдакон чораҳои амалӣ меандешад.

КУВАЙТ

Дар Кувайт соли 2026 низоми таълимӣ ба марҳалаи навсозӣ ворид шудааст. Вазорати маориф лоиҳаи нави низомномаи таълимиро таҳия кардааст. Ҳадафи он муттаҳид кардани қоидаҳои таълимӣ барои зинаҳои гуногуни таҳсил мебошад. Ҳамзамон, барномаҳои таълимии мактабҳо аз нав таҳия мешаванд.

Дар ин кишвар барои шахсони дорои эҳтиёҷоти махсус низ муассисаҳои махсус ва мактабҳои фарогир фаъолият мекунанд.

КИРИБАТИ

Дар Кирибати таҳсилоти томактабӣ ҳамчун қисми муҳимми рушди кӯдак ба ҳисоб меравад. Вазорати маориф барои кӯдакони синни 3 то 5-сола барномаи нави томактабиро ҷорӣ кардааст. Ин барнома бо номи Te Kaba Waa маъруф аст.

Фарогирии кӯдакон дар зинаҳои томактабӣ ва ибтидоӣ нисбатан баланд буда, сатҳи фарогирӣ аз 90 фоиз зиёд аст. Дар зинаи таҳсилоти миёна бошад, мушкилоти нигоҳ доштани хонандагон бештар ба назар мерасад. Фарогирӣ дар зинаи миёнаи болоӣ тақрибан 58-69 фоиз мебошад.

ҶИБУТӢ

Дастрасӣ ба таҳсилоти ибтидоӣ дар Ҷибутӣ солҳои охир беҳтар шудааст, аммо таҳсилоти томактабӣ ҳанӯз фарогирии камтар дорад. Дар таҳсилоти миёна низ фарқият байни шаҳр ва деҳот мавҷуд аст. Сатҳи хатми таҳсилоти миёна дар деҳот 31 фоиз аст, дар ҳоле ки дар шаҳр ба 75 фоиз баробар аст.

Барои кӯдакони дорои маъюбият гузариш ба низоми таҳсилоти фарогир идома дорад, вале норасоии омӯзгорони соҳибтаҷриба ва маводи таълимӣ ҳанӯз мавҷуд аст. Бинобар ин, дар соли 2026 барои беҳтар кардани дастрасии кӯдакон ба таҳсил барномаҳои нав таҳия гардиданд.

Таҳияи
Ирода ТИЛАБОВА,
«Омӯзгор»

4 СЕНТЯБР – РӮЗИ КИТОБ

ХАЗИНАИ ХИРАД

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» ҳамасола дар кишвар 4 сентябр ҳамчун Рӯзи китоб таҷлил мешавад. Ин нишони сипосмандию эҳтиром ва арҷгузорӣ нисбат ба китоб – бузургтарин хазинаи илму дониш мебошад. Воқеан, китоб барои ба таври шоиста, пурсамару судманд ва муваффақона зиндагӣ ва кор кардан ба кулли башарият мададгару раҳнамост. Ба шарофати китоб мо мунтазам ҷаҳони маънавии хешро ғанӣ месозем, тавонотару пешрафтатар мегардем. Китоб ҷаҳонбинии моро вусъат мебахшад, сатҳи тафаккурамонро боло мебарад ва дар ҳама ҳолат дастгирамон мешавад. Аз ин ҷост, ки тамоми бузургони олам рӯй ба китоб овардаву онро ҳамдаму ҳамрози худ донистаанд ва ба рамзи шукргузорӣ аз ин ганҷинаи хирад онро самимона ситоиш кардаву «аниси кунҷи танҳоӣ» ва «фурӯғи субҳи доноӣ» донистаанд. Шоири тавоною мутафаккири бузург Абдураҳмони Ҷомӣ дар васфи китоб гуфтааст:

Ҳуштар зи китоб дар ҷаҳон ёре нест,
Дар майкадаи замона ғамхоре нест.
Ҳар лаҳза аз ӯ ба гӯшаи танҳоӣ
Сад роҳате ҳасту ҳаргиз озоре нест.

Дар эҷодиёти аксари адибон ба ҳадди ақал байтеву қитъаеро дар ситоиши китоб дарёфтан мумкин аст, ки ин худ нишони мавқеи муҳимми китоб дар фаъолияти онҳост. Халқи тоҷик табиатан эътиқоду ихлос ба китоб дорад, ки ба ин, аз ҷумла, бисёр расму анъанаҳои дерини мардумӣ (чун китоб зери болини кӯдак мондан, дар сафар китоберо ҳамроҳ гирифтан, китобро ба дида молидаву бӯсидан) гувоҳ аст. Рӯзи китоб дар ҷумҳурӣ бо ташаббусу пешниҳоди Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муқаррар гардидааст. 4 сентябри соли 2007 Президенти мамлакат ҳангоми гузоштани санги асос ба оғози бунёди Китобхонаи миллии Тоҷикистон чунин иброз доштанд: «Бо дарназардошти аҳаммияти бузурги китобу китобдорӣ ва донишу маърифат, пешниҳод менамоям, ки дар қатори идҳои дигар рӯзи оғози сохтмони китобхонаи миллӣ ҳамчун Рӯзи китоб муқаррар карда шавад.» Ин тадбири бузурги хирадпарваронаю ватандӯстона барои боз ҳам бештар ба китоб гаравидани аҳолӣ такони ҷиддие бахшид. Ибтикори дигари бесобиқаю судманди Сарвари кишвар вобаста ба ҳидояти ҳамагон ба китобхонӣ баргузор намудани Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» мебошад. Ба шарофати ин ибтикори бузург теъдоди китобхонҳои фаъол дар мамлакат якбора ҳазорҳо нафар афзуд ва сол то сол меафзояд ва хушо, ки ин озмун акнун мақому эътибори байналмилалӣ пайдо кардааст. Далели дигару барҷастаи ихлосу эҳтироми Пешвои миллат дар он аст, ки бо ташаббусу дастури Сарвари кишвар дар давоми чанд соли охир китобҳои ифтихорию воломақом ва безаволи миллати маърифатоини мо – «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров ва «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ ба миқдори зиёд чоп ва ба таври ройгон дастраси ҳар як хонадони ҷумҳурӣ гардонида шуд. Чунин иқдом дар ягон кишвари дигари ҷаҳон назир надорад.



Боз як соли таҳсили нав оғоз гардид ва шогирдони азизи мо ба сӯйи таълимгоҳҳо мешитобанд. Беҳтарину муҳимтарин чиз дар чузвдонҳои онҳо китоб аст, воситае, ки насли наврасро ба зинаҳои камолот мерасонад. Хеле мувофиқ аст, ки дар оғози соли нави таҳсил дар тамоми муассисаҳои таълимӣ Рӯзи китоб таҷлил мешавад. Онро бояд дар сатҳи баланд, хеле муассиру ҳадафмандона таҷлил намуд, то меҳру муҳаббат, эътимоду ихлоси шогирдони мо ба ин хазинаи хирад боз ҳам бештару қавитар гардад.

Таҳмина НАЗАРОВА,
омӯзгори таърих ва ҳуқуқи мактаби №3-и ноҳияи Айнӣ

Дар давоми 26 сол дар ноҳияи Восеъ 16 муассисаи нав бунёд карда шуд.

Чу хоҳӣ, ки ранҷи тан ояд ба сар,
Аз омӯзгорон мабар тоби сар!
Абулқосими Фирдавсӣ

ТАВАҶҶУҲ

ОБУНА БА ҲАФТАНОМАИ «ОМӮЗГОР» БАРОИ СОЛИ 2027

Нархи обуна барои як сол бе иловаи хидмати почта – 138 сомонӣ



Нархи обуна барои як сол бо иловаи хидмати почта: шаҳри Душанбе 184 сомонию 93 дирам ва дигар шаҳру ноҳияҳо 203 сомонию 24 дирам

Агар хоҳед, ки дар соли 2027 аз навовариҳои соҳаи маориф ва илм огоҳ бошед, амру фармоиш ва дастурҳои вазири маориф ва илм ва асноди соҳаро сари вақт дастрас намоед, аз таҷрибаи судманди ҳамкасбон огоҳ гардед, таҷриба, андеша ва дархости худро пешниҳод карда тавонед, аз эҷоди бадеии ҳампешагон огоҳ бошед, қолибтарин нигоштаҳоро оид ба умдатарин масоили рӯз мутолиа кунед ва сатҳи донишу маҳорату малакаи худро пайваста боло бардоред, ба нашрияи дӯстдоштаи худ – «Омӯзгор» обуна шавед.

СУРАТҲИСОБИ МО

КВД БА ҶТ «Амонатбонк»

с/х 20202972200817101000

ҳ/м 20402972316264

РМБ 350101626

РМА 010009400

Ба «Омӯзгор»

АГЕНТИИ НАЗОРАТ ДАР СОҲАИ МАОРИФ ВА ИЛМИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

барои ишғоли мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ озмун эълон менамояд:

Дастгоҳи марказӣ

1. Мутахассиси пешбари раёсати назорати давлатии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, миёнаи умумӣ ва иловагӣ – 1 ҷой, маоши мансабӣ – 2265,7 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯйи ҷадвали ягонаи тарифӣ.

Раёсати Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

1. Мутахассиси пешбар – 1 ҷой, маоши мансабӣ – 2014,50 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯйи ҷадвали ягонаи тарифӣ;

2. Мутахассис – 1 ҷой, маоши мансабӣ – 1667 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯйи ҷадвали ягонаи тарифӣ.

Раёсати Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм дар вилояти Суғд

1. Сармутахассис – 1 ҷой, маоши мансабӣ – 2390,80 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯйи ҷадвали ягонаи тарифӣ;

2. Мутахассиси пешбар – 1 ҷой, маоши мансабӣ – 1959,9 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯйи ҷадвали ягонаи тарифӣ;

3. Мутахассис – 2 ҷой, маоши мансабӣ – 1612,4 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯйи ҷадвали ягонаи тарифӣ.

Раёсати Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм дар вилояти Хатлон

1. Мутахассиси пешбар – 1 ҷой, маоши мансабӣ – 1959,9 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯйи ҷадвали ягонаи тарифӣ;

2. Мутахассис – 1 ҷой, маоши мансабӣ – 1612,4 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯйи ҷадвали ягонаи тарифӣ.

Шуъбаи Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон

1. Мутахассиси пешбар – 1 ҷой, маоши мансабӣ – 1959,90 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯйи ҷадвали ягонаи тарифӣ.

Шуъбаи Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм дар минтақаи Ҳисор

1. Мутахассиси пешбар – 1 ҷой, маоши мансабӣ – 1862,60 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯйи ҷадвали ягонаи тарифӣ.

Шуъбаи Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм дар минтақаи Рашт

1. Сармутахассис – 1 ҷой, маоши мансабӣ – 2168,4 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯйи ҷадвали ягонаи тарифӣ.

2. Мутахассиси пешбар – 1 ҷой, маоши мансабӣ – 1779,2 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯйи ҷадвали ягонаи тарифӣ.

3. Мутахассис – 1 ҷой, маоши мансабӣ – 1459,5 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.

Талаботи тахассусӣ барои ишғолкунандагони мансаби сармутахассис:

– таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси равияи омӯзгорӣ, илмҳои табиӣ, риёзӣ, дақиқ ва гуманитарӣ;

– 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ ё 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ;

– донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва забонҳои хориҷӣ;

– одобу ахлоқи шоиста, ҳисси баланди эҳтиром нисбат ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, шаҳрванд ва ҳамкорон;

– малакаи хуби муошират, аз ҷумла, маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;

– малакаи кор бо компютер ва технологияҳои дигари иттилоотӣ.

Талаботи тахассусӣ барои ишғолкунандагони мансаби мутахассиси пешбар:

– таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси равияи омӯзгорӣ, илмҳои табиӣ, риёзӣ, дақиқ ва гуманитарӣ;

– 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

– донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва забонҳои хориҷӣ;

– одобу ахлоқи шоиста, ҳисси баланди эҳтиром нисбат ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, шаҳрванд ва ҳамкорон;

– малакаи хуби муошират, аз ҷумла, маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;

– малакаи кор бо компютер ва технологияҳои дигари иттилоотӣ.

Талаботи тахассусӣ барои ишғолкунандагони мансаби мутахассис:

– таҳсилоти олӣ, олии нопурра ё миёнаи касбӣ, ихтисоси равияи омӯзгорӣ, илмҳои табиӣ, риёзӣ, дақиқ ва гуманитарӣ;

– донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва забонҳои хориҷӣ;

– одобу ахлоқи шоиста, ҳисси баланди эҳтиром нисбат ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, шаҳрванд ва ҳамкорон;

– малакаи хуби муошират;

– малакаи кор бо компютер ва технологияҳои дигари иттилоотӣ.

Барои иштирок дар озмун ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

– ариза ба унвони роҳбари мақомот;

– варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо;

– тарҷумаи ҳол;

– нусхаи шиноснома;

– нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот;

– маълумотнома оид ба вазъи саломатӣ, шакли 038УЕ;

– нусхаи гувоҳнома дар бораи додани рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА);

– маълумотнома аз мақомоти андоз дар бораи даромадҳо ва вазъи молумулкӣ;

– маълумотнома оид ба надоштани доғи судӣ;

– нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (ба ғайр аз ҳолатҳое, ки шахс собиқаи меҳнатӣ надорад);

– нусхаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа (СИН);

–нусхаи маълумотнома дар бораи бақайдгирии давлатии дактилоскопӣ;

– нусхаи билети ҳарбӣ (барои шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намудаанд);

– 2 дона акси андозаи 4х6 ва 2 дона акси андозаи 3х4;

– маълумотнома (справка-объективка) бо акси ранга.

Нишонии қабули ҳуҷҷатҳо:

Шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Садриддин Айнӣ - 126, шуъбаи кадрҳо, таъминоти ҳуқуқӣ, эътироф ва баробаразишии ҳуҷҷатҳои таҳсилот дар давлатҳои хориҷии Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Комбинати полиграфии шаҳри Душанбе, ошёнаи 3), телефон 225-83-28, 225-83-32.

Муҳлати охирини қабули ҳуҷҷатҳо баъд аз 21 рӯзи нашри озмун дар бораи гузаронидани озмун.

ЭЪТИБОР НАДОРАД

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-ШТУ №0046818, ки онро соли 2006 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №48-и шаҳри Душанбе ба Фарзонаи Қурбонбой додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-АТУХ 0000611, ки онро соли 2026 МТХ Мактаби муосири байналмилалӣ дар шаҳри Душанбе ба Мирзо Рустам Хуршедзода додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-АТУ №1160388, ки онро соли 2023 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №6-и ноҳияи Исмоили Сомонӣ ба Нуров Достон Юнусович додааст, эътибор надорад.

ҲАФТАНОМА АЗ 28-УМИН ШОҲИ СОЛИ 1992 НАШР МЕШАВАД

ОМӮЗГОР

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

МУАССИС
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Эҳсон САФАРЗОДА
225-81-55

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ
Раҳим САИДЗОДА
Анвар САФАРЗОДА
Ҳомид ҲОШИМЗОДА
Равшан КАРИМЗОДА
Бадриддин МУЗАФФАРЗОДА
Илҳомуддин ИБРОҲИМЗОДА
Қобилчон ХУШВАХТЗОДА

«Омӯзгор» таҳти рақами 271/рз-97, аз 27.09.2021 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шуда, таҳти рақами 0110005977 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва барои онҳо масъулиятро ба уҳда нагирад.

Навиштаҳо ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонида намешаванд. Идораи ҳафтанома навиштаҳоро дар ҳаҷми на бештар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5)-и ҳарфи Times New Roman Tj қабул менамояд.

ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ
Насриддин ОХУНЗОДА (ҷонишини сармуҳаррир)
Шодӣ РАҶАБЗОД
Ҳотам ҲОМИДЗОДА 225-81-57
Шаҳноза БОБОМУРОДОВА (муҳаррирон)

МУХБИРОН
Ирода ТИЛАБОВА (шаҳри Душанбе)
Ҷангибеки УЛФАТШОҲ (ВМКБ)
Сухроб АЗИЗӢ
Худододи ИСЛОМ (вилояти Хатлон)
Нуъмон РАҶАБЗОДА (вилояти Суғд)

Саодат ЭРГАШЕВА 225-81-61 (масъули обуна)
Зарнисор НИЗОМОВА (ҳуруфчин)

Ҳафтанома дар матбааи нашриёти комплексии «Шарқи озод» ба табъ расид.
Индекси обуна: 68850.
Адади нашр: 44545 нусха

Почтаи электронӣ: n.omuzgor@maorif.tj
Сомонаи ҳафтанома: www.omuzgor-gazeta.tj

QR - коди сомонаи расмии нашрияи «Омӯзгор»

Навбатдори шумора
Ҳ. Ҳомидзода